ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Модули 4

# Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ

**(Дастур бароим омӯзгор)**

Дастури мазкур ба сифати маводи таълимию методии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ доир ба татбиқи низоми таълими салоҳиятнокӣ дар доираи стандартҳои фаннӣ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи Лоиҳаи шарикии глобалии таҳсилот, марҳилаи чорум таҳия гаштааст.

Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм аз 28 апрели соли 2016 таҳти № 6/37 тасдиқ шудааст.

**Мураттибон:** Ниёзов Ф., Зиёев М., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ.

Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ, Душанбе - 2016 с.– 65 саҳ.

**Зери назари** Назирӣ Л. Қ. – муовини вазири маориф ва илм, номзади илмҳои педагогӣ

**Муҳаррирон:**
Кабиров Н. – директори ФДҶТИБКСМ дар шаҳри Душанбе.
Собиров С. – сардори раёсати корҳои таълимӣ-методии ДҶТИБКСМ.

**Муқарризон:**
Исрофилниё Ш. Р. –доктори илмҳои филологӣ;
Абдуллоев И. – дотсенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумии ДҶТИБКСМ;
Зоолишоева Б. – мудири кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии ФДҶТИБКСМ, номзади илмҳои педагогӣ;
Раҳимов И. – мутахассиси раёсати таълимӣ-методии ДҶТИБКСМ.

# Мундариҷа

Сарсухан ....................................................................................................5

I. Муқаррароти умумӣ оид ба арзёбӣ ....................................................................................................6

1.1. Мақсад, принсип ва хусусиятҳои арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ ....................................................................................................6

1.2. Мақсадҳои арзёбӣ ....................................................................................................6

1.3. Мавқеи арзёбӣ дар раванди таълим ....................................................................................................6

II. Усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ....................................................................................................9

Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим ....................................................................................................9

Нишондиҳандаҳои муваффақият ....................................................................................................9

Робитаи мутақобила ....................................................................................................10

Қайдҳо ва ислоҳи ғалатҳо ....................................................................................................10

Тавсия ....................................................................................................11

Худбаҳодиҳӣ ....................................................................................................11

Саволҳо барои ба худ баҳо додан ....................................................................................................12

Харитаи баромад ....................................................................................................12

Таҳлили “Мушкилот” ....................................................................................................13

III. Усул ва воситаҳои арзёбии ҷамъбастӣ ....................................................................................................13

3.1. Тартиби таҳия ва гузарондани арзёбии ҷамъбастӣ ....................................................................................................13

3.2. Қоидаҳои асосии таҳияи тест ....................................................................................................14

3.3. Намунаҳои супоришҳои тестӣ ....................................................................................................16

3.3.1. Интихоби ҷавоб ....................................................................................................16

Интихоби як ҷавоби дуруст ....................................................................................................16

Дуруст ё нодуруст ....................................................................................................17

Мувофиқгузорӣ ....................................................................................................17

Пур кардани ҷойҳои холӣ ....................................................................................................18

IV. Кор бо фасли арзёбии стандартҳои фаннии синфҳои ибтидоӣ ....................................................................................................20

4.1. Арзёбии салоҳиятнокии хонандагон аз фанни “Забони модарӣ” ....................................................................................................20

4.1.1. Арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар ҳар дарс ....................................................................................................20

4.1.2. Воситаҳои арзёбии натиҷаҳои таълимии дарс ....................................................................................................21

4.1.3. Арзёбии ҷамъбастии дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар охири рейтинг (чоряк). ....................................................................................................23

4.1.4. Арзёбии ҷамъбастии аввали сол, нимсолаи аввал ва охири соли таҳсил. ....................................................................................................23

4.1.5. Арзёбии салоҳиятнокии хонандагон оид ба нутқи шифоҳӣ (гӯш кардану дарк намудан) ....23
4.1.6. Арзёбии салоҳиятнокии хонандагон оид ба нутқи хаттӣ (хондан ва дарк намудан) ...25
4.2. Арзёбии салоҳиятҳои хонандагон аз фанни "Суруд ва мусиқӣ" ....29
4.2.1. Санҷиши хонандагон дар ҳар дарс. ....29
4.2.2. Санҷиши хонандагон дар нимсола ....30
4.2.3. Санҷиши солона ....30
4.2.4. Намунаҳои арзёбӣ ....31
4.2.5. Намунаҳои арзёбӣ оид ба шунидани мусиқӣ ....32
4.2.6. Намунаҳои арзёбӣ оид ба маърифати мусиқӣ ....33
4.3. Арзёбии салоҳиятҳои фанни "Табиатшиносӣ" ....34
4.3.1. Арзёбии малакаҳои мушоҳидакорӣ, таҷриба ва таҳлил ....34
4.3.2. Арзёбии натиҷаи мушоҳидаи хонандагон. ....34
4.3.3. Арзёбии натиҷаи таҷрибагузаронии хонандагон. ....36
4.3.4. Арзёбии фаъолияти хонандагон тавассути савол ва масъалагузорӣ ....37
4.4. Арзёбии салоҳиятҳои фанни "Санъат ва меҳнат" ....38
4.5. Арзёбии салоҳиятҳои фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" ....40
4.5.1. Меъёрҳои таълимии тарбияи ҷисмонӣ синфҳои 1 - 4 ....41
4.6. Арзёбии салоҳиятҳои хонандагон аз фанни "Математика" ....43
4.6.1. Санҷиши хонандагон дар дарс. ....44
4.6.2. Санҷиши солона ....45
4.6.3. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ҳангоми ҳалли мисолҳо. ....45
4.6.6. Арзёбӣ ва баҳодиҳии салоҳиятҳои ҳалли муодилаҳои дуамала ....48
Замимаҳо ....50
Замимаи 1. Мақола оид ба тест ....50
Замимаи 2. Маҷмӯи тестҳо ....54
Замимаи 3. Матнҳо ....63
Чаро баргҳо зард мешаванд? ....63
Зоррофаяки себдӯст ....64
Сабзавот барои саломатӣ ....64

## Сарсухан

Модули таълимии мазкур қисми таркибии силсиламодулҳои таълимӣ буда, барои татбиқи стандартҳои фаннии синфҳои ибтидоӣ таҳия шудааст. Мақсади асосии барнома ва модули таълимии мазкур расонидани ёрӣ методӣ  ба омӯзгор дар татбиқи стандарт ва барномаи таълимии ба ташаккули салоҳиятнокии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронидашуда мебошад, ки он таввасути омӯзиш ва иҷрои машқҳои амалӣ аз ҷониби омӯзгорон амалӣ карда мешавад.

Модули таълимӣ ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии арзёбиро фаро мегирад. Мураттибон кӯшиш кардаанд, ки омӯзишро тавассути роҳу воситаҳои санҷидашудаи таълим ба нақша гиранд, то ки омӯзгорон аз воситаҳои гуногуни арзёбӣ дар раванди машғулиятҳо истифода бурда тавонанд. Дар хотир дошта бошед, ки намунаҳои пешниҳодшударо барои ҳар як машғулият бо дарназардошти шароит ва қобилияти хонандагон тағйир додан мумкин аст.

## I. Муқаррароти умумӣ оид ба арзёбӣ

### 1.1. Мақсад, принсип ва хусусиятҳои арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ

Дар низоми таълими салоҳиятнокӣ арзёбӣ мақсад, принсип ва хусусиятҳои хос дорад. Дар муқоиса бо низоми ба дониш асосёфта дар низоми таълими салоҳиятнокӣ диққати асосӣ ба сатҳи ташаккули малакаҳо равона мегардад. Дар низоми нав муносибат, усул ва воситаҳои арзёбӣ мураккаб буда, аз омӯзгор малакаву маҳорати хуби банақшагириро талаб мекунад.

Арзёбии натиҷаҳои таълим дар низоми таълими салоҳиятнокӣ ба мақсади (1) муайян кардани дониш, малака ва маҳорати заминавии хонандагон; (2) муайян кардани раванди азхудкунии малака ва маҳорати нав; (3) муайян кардани сатҳи ниҳоии натиҷаҳои таълим гузаронида мешавад.

### 1.2. Мақсадҳои арзёбӣ

Арзёбие, ки ба мақсади муайян кардани дониш, малака ва маҳорати заминавии хонандагон гузаронда мешавад, **арзёбии ташхисӣ** ном дорад. Чуноне ки дар модулҳои 1–3 қайд гаридида буд, **минтақаи актуалии рушди хонанда** дар асоси дониш ва таҷрибаи заминавии хонанда ба роҳ монда шуда, муайян кардани он ки хонанда чиро медонад ва кадом амалҳоро иҷро карда метавонад, хеле муҳим аст. Ин ба омӯзгор имкон медиҳад, ки таълимро мақсаднок ба роҳ монад. Мақсади таълим дар асоси **минтақаи актуалии (аслии)** хонанда ва бо дарназардошти **минтақаи наздиктарини рушд** муайян карда мешавад. Яъне хонанда дар кадом сатҳ қарор дорад ва ӯро то кадом сатҳ бурданӣ ҳастем.

Арзёбие, ки ба мақсади муайян кардани раванди азхудкунии малака ва маҳорати нав истифода мешавад, **арзёбии ташаккулдиҳанда** номида мешавад. Арзёбии ташаккулдиҳанда ба омӯзгор ва хонандагон имкон медиҳад, ки раванди таълимро назорат кунанд, мушкилотро муайян ва саривақт бартараф намоянд. Тавассути воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда омӯзгору хонандагон сатҳи ба мақсадҳои таълим ноил шуданро муайян мекунанд. Аз ин лиҳоз, арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамрадифи раванди таълим мебошад.

Арзёбие, ки барои муайян кардани сатҳи ниҳоии натиҷаҳои таълим гузаронида мешавад, **арзёбии ҷамъбастӣ** ном дорад. Арзёбии мазкур дар ҷамъбасти марҳалаи муайяни таълим (боби таълим, силсилаи дарсҳое, ки барои азхудкунии дониш, малака ва маҳорати муайян гузаронда мешаванд) гузаронида мешавад. Мақсади асосии ин марҳалаи арзёбӣ санҷидани натиҷаҳои таълим аст. Яъне, хонанда дар натиҷаи таълим кадом фаъолиятҳоро иҷро карда метавонад.

Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ аз баҳодиҳии низоми мавҷуда бо он фарқ мекунад, ки дар он омӯзгор имкони бо хонанда ба таври инфиродӣ кор карданро дорад. Омӯзгор метавонад дар асоси чунин арзёбӣ малакаи азхудкардаи хонандагонро ташхис кунад, дар давраи аввал ёрӣ расонад ва раванди таълимро дуруст ба роҳ монад. Хонанда дар ин маврид масъулияти худро барои таҳсил бештар ҳис мекунад.

### 1.3. Мавқеи арзёбӣ дар раванди таълим

Арзёбӣ ҷузъи таркибии раванди таълим ба шумор меравад. Ҳанӯз дар марҳалаи банақшагирӣ роҳу усули арзёбӣ муайян карда мешавад. Усули арзёбӣ пас аз муайян

кардани натиҷа ё мақсадҳои таълимии дарс интихоб мегардад. Пас аз иҷрои фаъолиятҳои таълимие, ки барои расидан ба мақсадҳои таълим ба роҳ монда мешаванд, арзёбӣ гузаронида мешавад. Дар ин марҳала арзёбӣ имкон медиҳад, ки сатҳи азхудкунии хонандагон санҷида шавад ва дар ҳолати номувофиқатии натиҷаҳои арзёбӣ ба мақсадҳои гузошташуда, омӯзгор роҳу воситаҳои дигари таълимро барои ноил гаштан ба мақсадҳои гузошташуда интихоб намояд.

Дар асоси натиҷаҳои арзёбӣ банақшагирии раванди минбаъдаи таълим ба роҳ монда мешавад. Вақте омӯзгор муайян мекунад, ки хонандагон ин ё он малакаро аз худ кардаанд ё не (инро танҳо натиҷаи арзёбӣ муайян мекунад) раванди таълимро мутобиқан ба нақша мегирад.




**Қадами якум**: Муайян кардани салоҳиятҳо аз стандартҳои фаннӣ.
**Қадами дуюм**: Интихоби маводи таълим.
**Қадами сеюм**: Интихоби методҳои таълим.
**Қадами чорум**: Интихоб ва мутобиқ сохтани воситаҳои арзёбӣ.

Барои осон шудани кори омӯзгорон дар стандартҳои фаннӣ намунаи нишондиҳандаҳо барои ҳар як салоҳият оварда мешавад. Ин ба омӯзгор имкон медиҳад, ки сатҳи ноил гаштан ба салоҳият ва азхудкунии малакаҳоро арзёбӣ кунад.

Намуна аз стандартҳо:

| ХОНДАН |
|---|
| 2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (бо риояи оҳанг, аз рӯи аломати китобат ва хониши бурдои матн)-ро медонад ва риоя мекунад.<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– матнҳои навъ ва жанри гуногун (назмию насрии ба синну сол мувофиқ; матнҳои ҳикоягӣ, тасвирӣ, бо унсурҳои мулоҳизаронӣ)-ро мехонад;<br>– ба синтагмаҳо ҷудо карда мехонад;<br>– равон (бо суръати мӯътадил 40-50 калима дар як дақиқа) мехонад;<br>– бурро (талаффузи калимаҳо тибқи қоидаҳои имло) мехонад;<br>– калимаҳои сохта ва мураккаби ба синфи дуюм мувофиқро хонда метавонад;<br>– ба оҳанги аломатҳои китобат риоя карда мехонад;<br>– ҳангоми хондан ғалатҳои содиркардаашро мустақилона ислоҳ мекунад. |

**ДАР ХОТИР ДОШТА БОШЕД!** Воситаҳои арзёбӣ бояд мақсадҳои таълимии банақшагирифташударо санҷад.

Нишондиҳандаҳои мазкурро барои муайян кардани салоҳиятнокии хонанда истифода баред.

Мисол. Шумо мехоҳед, ки дараҷаи ба салоҳияти *2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (бо риояи оҳанг, аз рӯи аломати китобат ва хониши буррои матн)-ро медонад ва риоя мекунад* ноил шудани хонандагони худро муайян кунед. Барои ин:

1) Матни мувофиқро интихоб намоед.
2) Аз хонанда хоҳиш кунед, ки онро хонад.
3) Тарзи хониши хонандаро аз рӯйи нишондиҳандаҳо арзёбӣ кунед. (Дар сутуни мувофиқ ишора гузоранд) Масалан,

| **Нишондиҳандаи салоҳиятнокӣ** | **Не (0)** | **Қисман (1)** | **Пурра (2)** |
|---|---|---|---|
| матнҳои навъ ва жанри гуногун (назмию насрии ба синну сол мувофиқ; матнҳои ҳикоягӣ, тасвирӣ, бо унсурҳои мулоҳизаронӣ)-ро мехонад; | | V | |
| ба синтагмаҳо ҷудо карда мехонад; | | V | |
| равон (бо суръати муътадил 40-50 калима дар як дақиқа) мехонад; | | | V |
| бурро (талаффузи калимаҳо тибқи қоидаҳои имло) мехонад; | | | V |
| калимаҳои сохта ва мураккаби ба синфи дуюм мувофиқро хонда метавонад; | | | V |
| ба оҳанги аломатҳои китобат риоя карда мехонад; | V | | |
| ҳангоми хондан ғалатҳои содиркардаашро мустақилона ислоҳ мекунад. | | V | |

Аз рӯйи ҷадвал муайян кунед, ки хонанда ҳангоми хондан кадом нишондиҳандаҳоро пурра ё қисман риоя намекунад. Дар мисоли боло хонанда ба оҳанги аломатҳои китобат, тамоман риоя намекунад, на ҳама вақт матнро мувофиқи синтагмаҳо мехонад ва амсоли он.

Натиҷаҳои ҷадвалро барои банақшагирии раванди таълим истифода баред. Яъне, дар дарсҳои оянда ба ташаккули нишондиҳандаҳое, ки хонандагон дар он душворӣ мекашанд, кор баред.

Дар хотир дошта бошед, ки ин ва дигар воситаҳои дар фасли поён тавсияишаванда, хусусияти ташаккулдиҳандагӣ доранд.

## II. Усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда

Арзёбии ташаккулдиҳанда усули баҳодиҳиест, ки тавассути он омӯзгору хонанда раванди таълимро таҳлил карда, хулосаи зарурӣ мебароранд. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ба омӯзгорон имконият медиҳанд, ки раванди таълимро мушоҳида карда, бо маслиҳату машварат фаъолиятро барои расидан ба мақсадҳои таълим равона созад. Ин навъи арзёбӣ хонандагонро водор месозад, ки сатҳи инкишофи худро муайян кунанд ва барои дастрасӣ ба сатҳи дигар шароит фароҳам оранд.

Дар поён якчанд усул ва методҳои арзёбии ташаккулдиҳанда оварда мешаванд, ки шумо метавонед онҳоро ба салоҳиятҳо ва натиҷаҳои таълимии интихобкардаатон мутобиқ сохта истифода баред.

**Муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим**

**Шарҳ:** муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим ҷузъи асосии раванди таълим ба шумор меравад. Он имкон медиҳад, ки хонандагон дарк кунанд, ки дар раванди таълим аз онҳо чӣ талаб карда мешавад.

- Мақсадҳои дарсро дар тахтаи синф (ё дар гӯшаи «Мақсади таълимии дарси мо») нависед;
- Мақсадҳои таълимро ба хонандагон хонед ва аз онҳо пурсед, ки ноил гаштан ба ин мақсадҳо чӣ аҳамият дорад?
- Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ақидаашонро аввал бо рафиқашон (дунафарӣ) муҳокима карда, сипас, ба аҳли синф гӯянд;
- Шумо метавонед якчанд ақидаҳоро дар тахтаи синф нависед ва онҳоро тақвият диҳед, то аҳли синф ба дарс шавқ пайдо кунад. Шумо метавонед аз ҳаёти худатон ё ягон нафари дигар мисол оред, яъне ҳамин гуна малакаҳо ба шумо дар ҳаёти ҳаррӯзаатон чӣ гуна ёрӣ мерасонад.

**Диққат!** Барои ба савол посух додан ба хонандагон вақт диҳед ва кӯшиш кунед, ки ҳамаи хонандагон дар муҳокимаи масъалаҳо иштирок кунанд.

**Нишондиҳандаҳои муваффақият**

**Шарҳ:** Дар низоми таълими салоҳиятнокӣ аз хонандагон мунтазам таҳия ва тартиб додани намунаҳои зиёдӣ корҳои хаттӣ ва шифоҳӣ талаб карда мешавад. Нишондишандаҳои муваффақият ба хонандагон имконият медиҳад, ки ин талаботро муҳокима карда, онро ҳамчун намунаи кори хеш истифода баранд.

**Тартиб:**

**Забони модарӣ**

- Ду кори (иншо, ҳикоя, эссе, нақли хаттӣ)-и пешинаи хонандагонро доир ба як мавзӯъ, як намунаи хуб ва як намунаи сусттарро интихоб намоед.
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷиҳатҳои хуб ва такмилталаби корро муайян созанд. Хонандагон ақидаҳояшонро мегӯянд:

*Масалан*: дар кори дуюм хонанда пеш аз пайвандаки “ки” вергул нагузоштааст; ҷумлаҳои кори дуюм пурра нестанд ...

- Омӯзгор ба аҳли синф мурочиат карда мегӯяд, ки биёед, якҷоя нишондиҳандаҳои муваффақиятро тартиб медиҳем:

*Масалан*:

  - пеш аз пайвандаки “ки” вергул гузоштан;
  - ҷумлаҳоро ба охир расондан ...
- Омӯзгор нишондиҳандаҳоро дар тахтаи синф менависад.
- Сипас, ба хонандагон муроҷиат карда, амалҳои дигарро низ ба ин васила таҳлил мекунанд. Омӯзгор мекӯшад, ки аксари хонандагон дар ин раванд фаъолият кунанд.
- Баъд аз анҷоми нақли хаттӣ омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки корашонро дар асоси нишондиҳандаҳо санҷанд. Хонандагон кори худро санҷида, ғалатҳои содиркардаашонро ислоҳ мекунанд.

**Диққат!** Нишондиҳандаҳои муваффақият ҳадафҳоеанд, ки хонандаро ба мақсади таълим мерасонанд. Яъне, хонанда чӣ кор кунад, ки ба мақсади таълим ноил гардад? Нишондиҳандаҳои муваффақият ҳамчун зинаҳоеанд, ки тавассути онҳо хонанда қадам ба қадам ба мақсад наздик мегардад.

*Тартиб додани нишондиҳандаҳои муваффақият чунин бартариҳо дорад:*

- сифати корҳои хонандагон беҳтар мегардад;
- хонандагон зимни иҷрои кор масъулият ҳис мекунанд;
- ғалатҳои маъмулӣ аз байн мераванд;
- роҳи расидан ба мақсад барои хонандагон равшантар мегардад;
- аксари хонандагон натиҷаҳои хубро ба даст меоранд.

**Робитаи мутақобила**

Робитаи мутақобила тақризу тавсияҳое мебошанд, ки ба корҳои хаттиву шифоҳии хонандагон дода мешавад ва дар онҳо муваффақияту самтҳои кори оянда зикр мегарданд. Ба хонандагон ҷиҳати ислоҳу такмили кор имконият дода мешавад. Робитаи мутақобила метавонад хаттӣ ва шифоҳӣ бошад.

**Қайдҳо ва ислоҳи ғалатҳо**

**Тартиб:**

- Кори хонандагонро ҷамъ оваред;
- Нишондиҳандаҳои муваффақият ё меъёрҳои арзёбиро шарҳ диҳед;
- Аввал кори хаттиро хонед, се ҷумла, ибора ё қисми хуби корро муайян кунед (метавонед зери ин қисмҳо хат кашед ё бо ранг ишора кунед);
- Кори хаттиро мувофиқи нишондиҳандаҳо ва меъёрҳо арзёбӣ кунед;
- Ҷиҳатҳои такмилталаби кори хаттиро муайян намуда, дар ҳошия ё поварақ қайдҳо кунед. Қайдҳои шумо бояд мисли дастурҳо бошанд, то хонанда онро иҷро намояд ва сифати корашро беҳтар гардонад;
- Дар ин марҳила ба дастхати хонанда баҳо гузошта намешавад;
- Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҳамаи тавсияҳоро иҷро кунанд. Назорат кунед, пурсон шавед.

**Диққат!** Ба робитаи мутақобила тақризу тавсияи ба корҳои хаттиву шифоҳӣ навишташудае шомил мегарданд, ки дар онҳо муваффақиятҳо ва амалҳои такмилшаванда зикр шудаанд.

**Намуна:**



**Тавсия**

**Шарҳ:** Тавсиядиҳӣ асосан баъд аз муайян намудани самтҳое, ки хонанда бояд онро такмил диҳад, сурат мегирад. Тавсиядиҳӣ яке аз рукнҳои робитаи мутақобила ба ҳисоб рафта, он ҳам дар шакли шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ сурат мегирад.

**Тартиб:** намудҳои асосии тавсиядиҳӣ:

- **Хотиррасон кардан.** Ин навъи тавсиядиҳӣ барои хонандагони аълохон мувофиқтар аст. Масалан, ҳангоми дар мавзӯи «Тирамоҳи заррин» иншо навиштан ба хонанда чунин тавсия медиҳем: «Тирамоҳ кадом хусусиятҳоро дорад?».
- **Кӯмаки зинавӣ.** Ин навъи тавсиядиҳӣ барои хонандагоне муносиб аст, ки асосан аз рӯйи дастур кор карданро дӯст медоранд. Он бо якчанд восита амалӣ карда мешавад. Масалан:
    - ***тавассути саволҳо:*** Оё фасли тирамоҳро бо дигар фаслҳо муқоиса кардан мумкин аст?
    - ***тасвир:*** ягон ҳодисаеро тасвир кунед, ки бо Шумо дар фасли тирамоҳ рух дода бошад.
    - ***ҷумлаҳои нотамом:*** Фасли тирамоҳ файзбор аст, зеро … .
- **Пешниҳоди намуна**. Ин восита махсусан барои хонандагони миёна кӯмаки зарурӣ мерасонад. Масалан, аз хонандагон хоҳиш мекунед, ки яке аз пешниҳоди мазкурро интихоб намоянд ва ё дар асоси он худашон ҷумлаи нав тартиб дода, ҷумлаи пешинаро иваз намоянд.

*Фасли тирамоҳро барои он дӯст медорам, ки дар ин фасл меваҳо пухта, дар бозор фаровон мегарданд.*

*Фасли тирамоҳро барои он дӯст медорам, ки ман дар ин фасл зодрӯз дорам.*

**Диққат!** Ҳар як хонанда бояд донад, ки дар кадом амал ӯ муваффақ аст ва кадом амалро бояд такмил диҳад. Тавассути самаранок истифода бурдани воситаҳои робитаи мутақобила метавон амалҳои заруриро дар ниҳоди хонандагон парвариш кард.

**Худбаҳодиҳӣ**

**Шарҳ:** Амалест, ки хонанда ба дараҷаи дониш, малака ва маҳорати худ дар асоси нишондиҳандаҳои муваффақият баҳо медиҳад ва барои такмили дониш, малака ва маҳорати хеш нақша тартиб дода, усул ва роҳҳои муайянро барои расидан ба мақсад муайян менамояд.

**Саволҳо барои ба худ баҳо додан**

**Тартиб:**

Саволҳои зеринро ба мақсади дарсатон мувофиқ гардонед:

– Ҳангоми … (мақсади таълим) ба кадом мушкилот дучор шудед?
– Чӣ/Кӣ ба Шумо ҳангоми … (мақсади таълим) ёрӣ расонд?
– Дар кадом самт барои … (мақсади таълим) ба Шумо ёрии бештар зарур аст?
– Ҳангоми … (мақсади таълим) чӣ ба Шумо бештар маъқул шуд?
– Чӣ чизи навро оид ба … (мақсади таълим) омӯхтед?

Масалан:

- *Ҳангоми **тартиб додани ҷумлаҳои сода** ба кадом мушкилот дучор шудед?*
- *Чӣ/Кӣ ба Шумо хангоми **тартиб додани ҷумлаҳои сода** ёрӣ расонд?*
- *Дар кадом самт барои **тартиб додани ҷумлаҳои сода** ба Шумо ёрии бештар зарур аст?*
- *Ҳангоми **тартиб додани ҷумлаҳои сода** чӣ ба Шумо бештар маъқул шуд?*
- *Чӣ чизи навро оид ба **ҷумлаҳои сода** омӯхтед?*

– Пас аз мустаҳкамкунии маводи таълим ба хонандагон саволҳоро пешниҳод намоед.
– Ҷавоби онҳоро гӯш карда, фикри хонандагони дигарро оид ба масъалаи мазкур пурсон шавед.
– Ин саволҳоро вобаста ба мақсади дарс иваз карда метавонед. Ҳангоми гузаронидани фаъолияти худбаҳодиҳӣ як ва ё ду саволро ба хонандагон пешкаш кунед. Ҷавобро бо хонандагон муҳокима намоед, то онҳо роҳу усули расидан ба мақсадро муайян кунанд.

**Диққат!** Хонандагон бояд барои таҳсили худ масъулият ҳис кунанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки хонандагон ҳамон вақт масъулият ҳис мекунанд, ки ба фаъолияти хеш баҳо диҳанд. Асосан ҳангоми шунидани мафҳуми худбаҳодиҳӣ мо муаррифии кори хонандагонро мефаҳмем, лекин худбаҳодиҳӣ чандин паҳлу дорад.

Воситаҳои худбаҳодиҳӣ аслан дар ҳама зинаҳои дарс истифода бурда мешаванд, лекин тавсия дода мешавад, ки баъд аз муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои таълим ва иҷрои фаъолиятҳои таълим (барои расидан ба он мақсад) худбаҳодиҳӣ гузаронда шавад.

**Харитаи баромад**

**Шарҳ**: Харитаи баромад – шакли графикии пешниҳоди фикру ақидаи хонандагон (донишҷӯён) дар асоси се унсур: 1) қисми муҳимтарини машғулият; 2) як савол оид ба мавзӯи машғулият; 3) шарҳу эзоҳи умумӣ оид ба маводи таълимии машғулият сурат мегирад.

**Тартиб:**

– Дар хотимаи дарс ба мақсади арзёбии сатҳи фаҳмиши хонандагон харитаи баромадро пур кунед.
– Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷадвалро (намунаи 1 ва 2) дар дафтар кашанд ва онро пур кунанд.
– Пас аз пур кардани ҷадвалҳо муҳокимаи умумӣ гузаронед, аз якчанд хонанда хоҳиш намоед, ки ба саволҳо ҷавоб гардонанд ва аҳли синф дар муҳокима фаъол бошанд.

**Намунаи 1.**

| | |
|---|---|
| Чиро омӯхтед? | |
| Чӣ ба шумо маъқул шуд? | |
| Шумо ба кадом саволҳо ҷавоб наёфтед? | |
| Инро дар амал чӣ тавр истифода мебаред? | |

**Намунаи 2.**

| Аз дарс чиро ба хотир гирифтам? | Чиро фаҳмидам ва баррасӣ карда метавонам? | Чӣ ба ман маъқул шуд ва шавқи маро бедор кард? |
|---|---|---|
| | | |

**Диққат!** Барои ба худ баҳо додан шаклҳои гуногуни харитаҳои баромад, ҷадвалҳои ба худ ва ба ҳамдигар баҳо додан, саволҳои таҳлилӣ ва ғайра истифода мешаванд. Дар охири машғулият (дарс) ин воситаҳоро ҳамчун мақсади таҳлил (рефлексия) ба миён гузоштан мумкин аст.

**Таҳлили "Мушкилот"**

Дар охири дарс омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки ба таври мустақилона ё дунафарӣ «мушкилот»–и мавзӯи гузаштаро муайян намоянд: Чӣ нофаҳмо буд? Ба чӣ шубҳа доред? ва амсоли он. Дар натиҷа хонандагон мустақилона дараҷаи дониш ва нофаҳмиҳои худро муайян мекунанд.

## III. Усул ва воситаҳои арзёбии ҷамъбастӣ

Ин усули арзёбӣ барои муайян кардани натиҷаҳои таълим ва дастовардҳои хонандагон истифода гардида, ба ин васила оид ба дараҷаи фарогирии мӯҳтавои матн, дониш ва ё малака ахбор ҷамъ оварда мешавад, ки он дар асноди гуногун, аз ҷумла дафтари синф, варақаҳои пешрафти хонанда, шаҳодатномаи хатми мактаб бо холҳо/баллҳо ҷамъбаст карда мешавад. Вобаста ба мақсад, арзёбии ҷамъбастиро метавон ба воситаи тестҳои омодакардаи омӯзгор, имтиҳони шифоҳӣ, иншо, имло, ҷамъбасти чоряк ба роҳ монд.

Усул ва воситаҳои арзёбии ҷамъбастӣ ба мақсади тасдиқ кардан ё расман шинохтану ба қайд гирифтани дастовардҳои таълимии хонандагон (салоҳиятҳо) истифода мешаванд. Новобаста аз навъи воситаи арзёбӣ, хоҳ варақаҳои санҷишӣ, корҳои лоиҳавӣ ё тестҳо, арзёбии ҷамъбастӣ барои муайян кардани натиҷаҳои таълим хеле муҳим аст.

### 3.1. Тартиби таҳия ва гузарондани арзёбии ҷамъбастӣ

Пас аз муайян кардани салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои он шумо воситаҳои арзёбӣ (тест, саволҳо, имло, ҳикоя, корҳои хаттӣ аз математика, корҳои амалӣ аз санъат ва меҳнат, табиатшиносӣ ва ғайра)–ро интихоб кунед. Тартиби гузаронидани арзёбии ҷамъбастиро муайян кунед.

Дар ин ҷо мо тестро ҳамчун намуна интихоб мекунем ва дар асоси он тартиби таҳия ва гузаронидани арзёбии ҷамъбастиро таҳлил хоҳем кард. Пеш аз таҳияи сохтори тест ва саволу супоришҳои он боварӣ ҳосил намоед, ки амалҳои зеринро иҷро карда метавонед:

1. Сараввал муайян кунед, ки бо гузаронидани арзёбии ҷамъбастӣ чиро санҷидан мехоҳед. Шумо бояд боварӣ ҳосил намоед, ки саволу супоришҳои санҷишӣ бояд мақсадҳои таълимии дарсҳо, бобҳои таълим, салоҳиятҳои фанниро санҷанд. Ҳамагуна воситаҳои арзёбие, ки ҳангоми санҷиш интихоб менамоед бояд ҳатман ба талаботи стандарт ва барномаи таълимӣ, натиҷаҳои таълим (салоҳиятҳо, мақсадҳои дарс) мувофиқ бошанд. Яъне шумо он чиро месанҷед, ки таълим додаед!
2. Дараҷаи салоҳитнокӣ, ки тавассути арзёбии ҷамъбастӣ санҷида мешавад, бояд пеш аз гузаронидани он муайян карда шавад. Дар хотир дошта бошед, ки дараҷаи дониш ва қобилиятҳои маърифатӣ бояд ба фаъолиятҳое, ки дар раванди дарс хонандагон ташаккул додаанд мутобиқат намояд. Яъне, агар шумо дар раванди таълим саволу машқҳои таълимиро дар сатҳи дар хотир гирифтан, фаҳмидан ва истифода бурдан пешниҳод карда бошед, шумо наметавонед, ки саволу супоришҳои тестро барои санҷидани малакаҳои зинаҳои баландтар (таҳлил, арзёбӣ ва эҷод) таҳия намоед. Бо вуҷуди ин шумо метавонед қобилиятҳои маърифатии сатҳи баландро низ санҷед, зеро баъзан инкишофи фикрии хонандагон новобаста аз фаъолиятҳои таълим ба вуҷуд меояд.
3. Гуногунии навъи саволу супоришҳо ба мақсади арзёбии ҷамъбастӣ мувофиқат кунад. Агар мақсадҳои таълим қобилияти баланди фикррониро талаб кунад, он гоҳ саволу супоришҳои тест бояд ҳамин сатҳи қобилиятҳоро санҷанд (масалан, саволҳо барнои навиштани фикру ақида дар шакли эссе/иншо ё супоришҳое, ки иҷрои ягон амалро талаб мекунанд). Агар мақсади арзёбӣ санҷидани шинохтан ё ба хотир овардану фаҳмидани маълумот бошад, он гоҳ саволҳои навъи пӯшида истифода баред. Таъкид менамоем, ки тести таҳиякардаи шумо бояд навъҳои гуногуни супоришро фарогир бошад, зеро дар ин ҳолат шумо дурустии/эътимоднокии натиҷаҳои тестро таъмин карда метавонед.
4. Саволу супоришҳои тестӣ бояд фаҳмо ва мушаххас бошанд. Илова бар он, вақти иҷрои саволу супориш бояд ба эътибор гирифта шавад. Агар барои гузаронидани санҷиш вақт маҳдуд бошад, шумо бояд миқдор ва навъи саволу супоришро мувофиқ интихоб намоед.
5. Дар хотир бояд дошт, ки таҳияи тест ва дигар воситаҳои арзёбии ҷамъбастӣ вақт ва неруи зиёдро талаб мекунад. Ҳар як воситаи арзёбиро ҳамеша такмил додан мумкин аст. Доимо саволу супоришҳои санҷиширо таҳлил кунед ва онҳоро такмил диҳед.

### 3.2. Қоидаҳои асосии таҳияи тест

Ҳангоми тарҳрезии тестҳо бояд ба интихоби навъи супоришҳои тестӣ диққати махсус дода шавад. Новобаста аз интихоби навъҳои супоришҳои тестӣ қоидаҳои зеринро ба эътибор гиред.

Қоидаҳои таҳияи тест

- Боварӣ ҳосил намоед, ки супоришҳои тестӣ мақсад ва натиҷаҳои таълиме, ки дар раванди таълим аз худ шудаанд, фаро мегиранд.
- Барои таҳияи супоришҳои тестӣ нишондиҳандаҳои салоҳиятнокиро, ки дар стандартҳои фаннӣ оварда шудаанд ба эътибор гиред.
- Аз истифодаи қолабҳои супоришҳои тестие, ки хонандагон ягон маротиба истифода набурдаанд, худдорӣ намоед. Хонандагон бояд бо ҳамаи қолабҳои супоришҳои тестие, ки шумо истифода бурдани ҳастед, шинос бошанд. Шумо метавонед ин воситаҳоро дар раванди таълим ҳамчун машқҳои мустаҳкамкунии дониш, малака ва маҳорат истифода баред. Инчунин ин воситаҳоро ба мақсади арзёбии ташаккулдиҳанда низ истифода баред. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон бо шакли супориш шинос шаванд ва онро пешакӣ машқ кунанд.
- Баъд аз додани дастурҳо оид ба пур кардани тест, як маротиба бо хонандагон супоришҳои тестиро аз назар гузаронед. Талаботи супоришҳоро муҳокима кунед. Инчунин холҳое, ки дар натиҷаи дуруст иҷро кардани ҳар як навъи супориш дода мешавад, бо хонандагон муҳокима намоед.

Қоидаҳои сохтани тест

- Ҳамаи супоришҳои тестӣ бояд фаҳмо ва мушаххас бошанд. Калима ва ибораҳои мураккабро истифода набаред. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳар як супориши тест як ақидаи пурраро фаро гирифта, як ҷавоби дурустро талаб мекунад. Ҳар як супориши тест бояд пурра фаҳмо ва аз дигар супоришҳои тест вобаста набошад.
- Боварӣ ҳосил намоед, ки тести шумо дар маҷмуъ навъҳои гуногуни супориш (масалан, интихоби озод, эссе, мувофиқгузорӣ, дуруст ё нодуруст)ро фаро мегирад. Ин имкон медиҳад, ки тести таҳиякардаи шумо эътимоднок гардад.
- Барои иҷрои тест ба хонандагон дастури мушаххас ва фаҳмо дода шавад.
- Саволҳо бояд барои инъкоси як ақида ё мавзӯъ нигаронда шуда бошанд.
- Агар шумо супоришҳои тестие, ки интихоби ҷавоби дурустро талаб мекунанд таҳия кардан хоҳед, он гоҳ боварӣ ҳосил намоед, ки ҷавобҳои нодуруст ба ҷавоби дуруст аз ягон ҷиҳат монандӣ доранд ва ин ба хонандагон имконияти фикр карданро фароҳам меорад. Ҷавобҳои нодурусте, ки ба мавзӯи санҷидашаванда мувофиқ нестанд истифода набаред.
- Миқдори саволу супоришҳои тестиро мувофиқи вақти ҷудошуда пешниҳод кунед. Одатан барои як саволу супориши тестӣ 2-3 дақиқа вақт барои хондан, фаҳмидан ва иҷро кардан тавсия мешавад.
- Агар миқдори холҳои саволҳое, ки навиштани ҷавобро талаб мекунанд назар ба дигар саволу супоришҳо зиёдтаранд, пас ин холҳоро дар бари саволу супоришҳо нависед.

Қоидаҳои гузаронидани тест

- Гузаронидани тест пас аз тамом шудани марҳалаи муайяни таълимӣ (боби таълим, силсилаи дарсҳо), ки барои ташаккули малакаҳои санҷидашаванда бахшида шудаанд, бамаврид аст. Агар аз замони ба охир расидани марҳалаи гирифтани тест

вақти зиёд гузарад имкони ба таври самаранок гузаронидани санҷиш аз даст меравад.

- Чуноне ки таъкид гардид барои иҷрои тест ба хонандагон вақти кофӣ пешниҳод намоед. Барои раҳнамоӣ ва фаҳмондани супоришҳои тест омода бошед.
- Барои гузаронидани тест дар синф фазои мусоид фароҳам оред, то ҳамаи хонандагон ба иҷрои тест озодона машғул шаванд.

***Қоидаҳои таҳлили (азназаргузаронии) тест***

- Иҷрои умумии супоришҳои тестиро таҳлил намоед; яъне кадом самтҳо ё мундариҷа барои хонандагон осон ва кадом унсурҳо барои онҳо мушкил буд.
- Ҳар як супориши тестиро дар алоҳидагӣ таҳлил намоед: чанд нафар хонанда онро иҷро карда тавонистанд? Ин имкон медиҳад, ки дурустӣ, эътимоднокӣ ва мутобиқ будани супориши тестиро санҷед.
- Пас аз ҳар марҳалаи гузаронидани тест супоришҳои тестиро таҳлил ва такмил диҳед.
- Дар хотир дошта бошед, ки саволу супоришҳои тестии хубтарҳрезишуда эътимоднокии арзёбиро таъмин намуда, ба самаранокии қарорҳое, ки дар асоси он қабул карда мешаванд, мусоидат менамояд.

### 3.3. Намунаҳои супоришҳои тестӣ

#### 3.3.1. Интихоби ҷавоб

**Интихоби як ҷавоби дуруст**

**Шарҳ**: Ин навъи супориши тест маъмулан хеле зиёд истифода мешавад. Тавассути навъи супориши мазкур дараҷаҳои гуногуни дониши хонандагонро санҷидан мумкин аст.

**Тартиб**:

- Мақсади таълимие, ки санҷиданӣ ҳастед муайян кунед.
- Ақида ё саволи асосӣ таҳия намоед.
- Чор ҷавоб, ки яке аз онҳо дуруст аст, тартиб диҳед. Ҷавобҳои нодуруст бояд ба ҷавоби дуруст хеле наздик бошанд.

**Намуна:**

1. Дар кадом сатр ҳамаи калимаҳо ҳамқофияанд.

а. бор, дор, шӯр

б. фатир, хамир, кабир

в. моҳ, коҳ, дом

г. анор, анҷир, адир

2. Фарқи кадом ифода ба 5 баробар аст.

а. 2+4=

б. 4+3=

в. 7-2=

г. 9-3=

**Дуруст ё нодуруст**

**Шарҳ**: Чунин супориши тестӣ ба мақсади муайян кардани дараҷаи дарки маънии ахбори шунида ё матни хонда дода мешавад. Дар он як ақидаи дуруст ё нодуруст пешниҳод шуда, аз хонанда талаб карда мешавад, ки онро муайян намоянд.

**Тартиб:**

- Мақсад ва натиҷаҳои таълимии санҷидашавандаро муайян кунед.
- Ба кадом салоҳият ва нишондиҳандаҳои стандарти фанни мувофиқ будани мақсадҳои таълимро муқаррар намоед.
- Дараҷаи қобилияти маърифатие, ки саволу супоришҳо таҳия карда мешавад, муайян намоед.
- Доир ба мавзӯъ (матни хондашуда, ахбори шунида) якчанд ақида баён намоед, ки дуруст ва нодуруст бошанд.
- Онҳоро таги ҳам нависед ва дар бари ҳар яки онҳо катакча кашед ва калимаҳои дуруст ва нодурустро нависед.
- Хонандагон пас аз хондани матн дуруст ё нодуруст будани ақидаҳоро муайян менамоянд.

Намуна:

1) Дуруст ё нодуруст будани ақидаҳоро муайян кунед.

а. мурғак донаи ҷуворимаккаро ёфт. □ дуруст; □ нодуруст

б. муш ба мурғак ёрӣ расонд. □ дуруст; □ нодуруст

в. ҳама нон хурдан мехостанд. □ дуруст; □ нодуруст

г. мурғак ба муш, мурғобӣ нон дод. □ дуруст; □ нодуруст

2) Кадом ифода дуруст ва кадом ифода нодуруст ҳал карда шудааст.

а. 4+3=8 □ дуруст; □ нодуруст

б. 4+4=8 □ дуруст; □ нодуруст

в. 5+4=8 □ дуруст; □ нодуруст

г. 10-2=8 □ дуруст; □ нодуруст

**Мувофиқгузорӣ**

**Шарҳ:** Тавассути супориши тестии мазкур хонандагон ду қисми як масъала (калима, ибора, ҷумла, мафҳум, алоқамандии мантиқӣ)-ро ба ҳам мувофиқ мегузоранд.

**Тартиб**:

- Мақсад ва натиҷаҳои таълимие, ки мехоҳед санҷед, муайян кунед.
- Ба кадом салоҳият ва нишондиҳандаҳои стандарти фаннӣ мувофиқ будани мақсадҳои таълимро муқаррар намоед.

– Дараҷаи қобилияти маърифатие, ки саволу супоришҳоро таҳия карданиед муайян намоед.
– Як қисми калима, ибора, мафҳум, ифодаҳоро дар сутуни А ва қисми дигари онҳоро дар сутуни Б нависед.
– Тартиби пайиҳамии сутуни А ба сутуни Б бояд мувофиқ набошад.
– Сатрҳои сутуни А-ро бо рақам ишора карда, пеш аз рақамҳо хати кӯтоҳ кашед.
– Сатрҳои сутуни Б-ро бо ҳарфҳо ишора намоед.
– Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки мафҳумҳои сутуни А-ро бо сутуни Б мувофиқ гузоранд. Хонандагон танҳо ҳарфҳои тартибии мафҳумҳои сутуни Б-ро дар назди мафҳумҳои мувофиқ ба сутуни А менависанд.

Намуна:

1) Калимаҳои сутуни А-ро бо калимаҳои сутуни Б мувофиқӣ гузоред.

| **Сутуни А** | **Сутуни Б** |
|---|---|
| ___ 1. Анор<br>___ 2. Бодиринг<br>___ 3. Харгӯш<br>___ 4. Шанбе<br>___ 5. Китоб | а. маводи хониш<br>б. ҳайвон<br>в. мева<br>г. сабзавот<br>д. рӯзи ҳафта |

2) Ифодаҳоро бо суммаашон мувофиқ гузоред.

| **Сутуни А** | **Сутуни Б** |
|---|---|
| ___ 1. 12+84=<br>___ 2. 68-10=<br>___ 3. 18:2=<br>___ 4. 93-3=<br>___ 5. 122-20= | а. 9<br>б. 90<br>в. 58<br>г. 102<br>д. 96 |

3) Фигураҳои геометриро бо номашон мувофиқ гузоред.

| **Сутуни А** | **Сутуни Б** |
|---|---|
| ___ 1.<br>___ 2.<br>___ 3.<br>___ 4.<br>___ 5. | а. чоркунҷа<br>б. секунҷа<br>в. давра<br>г. хати рост<br>д. нур |

**Пур кардани ҷойҳои холӣ**

**Шарҳ**: Супориши тестии мазкур аз хонандагон талаб менамояд, ки калимаи дурустро ба ҷойи холии ҷумла гузоранд.

**Тартиб**:

– Мақсад ва натиҷаҳои таълимие ки санҷиданӣ ҳастед муайян кунед.
– Ба кадом салоҳият ва нишондиҳандаҳои стандарти фаннӣ мувофиқ будани мақсадҳои таълимро муқарар намоед.

- Дараҷаи қобилияти маърифатие, ки саволу супоришҳоро таҳия карданиед муайян намоед.
- Доир ба мавзӯи интихобкардаатон ҷумла ё ақидае таҳия намоед. Як калимаи асосӣ ё калидиро аз ҷумлаи навиштаатон тоза кунед. Ба ҷойи калима хат кашед.
- Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки ба ҷойи холӣ калимаи мувофиқ ёбанд.

Намуна:

1) Ҷумларо хонед ва ба ҷойи холӣ калимаи мувофиқ гузоред.
   *Кӯршапаракҳо* ______________ *парвоз мекунанд.*

# IV. Кор бо фасли арзёбии стандартҳои фаннии синфҳои ибтидоӣ

## 4.1. Арзёбии салоҳиятнокии хонандагон аз фанни “Забони модарӣ”

Арзёбии ҷамъбастии дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар давраҳои зерин гузаронида мешавад.

1. Дар ҳар дарс
2. Дар охири рейтинг (чоряк)
3. Дар охири нимсолаи якум ва охири соли таҳсил

### 4.1.1. Арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар ҳар дарс

Дар охири ҳар дарс мо дараҷаи **ба мақсадҳои дарс** (як ҷузъи салоҳиятҳо) ноил гаштани хонандагонро тавассути фаъолиятҳои таълимии онҳо арзёбӣ намуда, ба онҳо баҳо мегузорем. Ҳарчанд арзёбии воқеии натиҷаҳои таълимӣ дар як дарс (2 соат) на ҳамеша имконпазир аст, он ҷаҳду талош ва кӯшишҳои хонандаро дар ҳамин давраи таълим муайян мекунад. Агар мақсадҳои дарс ба як салоҳияти таълим (масалан, салоҳияти навиштан: *тартиб додани матн*) нигаронда шуда бошад, арзёбии он хеле осон аст. Аммо чунин дарсҳо хеле каманд. Азбаски таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ба таври ҳамгиро сурат мегирад, ҳангоми арзёбӣ дастовардҳои таълимии хонандагон низ аз рӯйи фаъолиятҳои гуногун: **гуфтан**, **гӯш кардан**, **хондан** ва **навиштан** ба эътибор гирифта мешавад. Дар ин сурат баҳо нисбӣ буда, холи миёна гузошта мешавад. Масалан, агар шартан баҳои хонанда аз гуфтан-3, аз гӯш кардан-3, аз хондан-4, аз навиштан-4 бошад, пас баҳои миёна 4 мешавад, зеро дар синфҳои ибтидоӣ ба малакаю маҳорати хондану навиштан афзалият дода мешавад.

Албатта, чунин тарзи баҳогузорӣ мушкилоти зиёд дошта, бо мурури гузариш ба низоми нави арзёбӣ (10, 20, 100 хола) то андозае ҳалли худро хоҳад ёфт.

Арзёбии натиҷаҳои таълимии хонандагон дар дарс ҳарчанд ҷамъбастӣ ба ҳисоб равад ҳам, дар маҷмуъ он арзёбии ташаккулдиҳанда аст, зеро раванди таълим аз як дарс нею аз як соли таҳсил иборат аст ва дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани хонандагонро дар охири соли таҳсил муайян мекунанд.

Ҳангоми арзёбии натиҷаҳои таълимии хонандагон дар як дарс ба ҷанбаҳои зерин бояд диққат дод:

- хонандагони имконияти маҳдуддошта (барои ин гурӯҳи хонандагон баҳо бояд танҳо хусусияти ҳавасмандкунанда дошта бошад);
- қобилият ва гуногунзеҳнии хонандагон (хонандагоне, ки ба омӯзиши масалан математика таваҷҷуҳ доранд, омӯхтани забон душвортар аст. Дар ин маврид низ баҳо бояд хусусияти ҳавасмандкунӣ дошта бошад).

**Таъкид!** Барои ғалатҳои ҷойдошта хонанда(гон)-ро сарзаниш **накунед**. Дастовардҳои хонанда(гон)-ро бо дигарон муқоиса **накунед**. «Ин аз вай донотару вай аз ин нодонтар аст» **нагӯед**. Инкишофи худи хонандаро муқоиса **кунед**. Масалан, Сарвиноз, як моҳ пеш тамоман ба саволҳо ҷавоб намедод. Имрӯз ба ду савол (бигзор ҷавоби ӯ ба ҳамаи меъёрҳо ҷавобгӯй набошад) ҷавоб дод. Пешравии ин хонанда аён аст, ҳарчанд суст ҳам бошад. Ба хонандагони алоҳида кор баред. Шояд барои баъзеҳо ду ё се бор фаҳмондан даркор бошад, шояд барои омӯхтани баъзе хонандагон вақти зиёдтар даркор аст ё шояд бо баъзеи дигарон усули таълимро дигар кардан зарур аст.

**4.1.2. Воситаҳои арзёбии натиҷаҳои таълимии дарс**

Барои арзёбии натиҷаҳои таълимии дарс аз воситаҳои зерин истифода бурда метавонед:

1) Саволу ҷавоби шифоҳӣ аз рӯйи мазмуни матни хонда ё шунида
2) Имлои луғат

Рӯйхати калимаҳои имлояшон душворро тартиб диҳед. Сипас, калимаҳоро хонед аз хонандагон хоҳиш намоед, ки онҳоро нависанд. Натиҷаи кори хонандагонро санҷед ва мувофиқи меъёрҳои зерин ба онҳо баҳо гузоред.

***Намуна***: *рӯзнома, зиндагӣ, баъд, шанбе, якшанбе, омӯзгор, китобхона, парвозкунон, арра, раъд* ва амсоли он.

*Меъёрҳо*:

- Камтар аз 50% калимаҳоро дуруст навиштааст – 1 хол
- Зиёда аз 50% калимаҳоро дуруст навиштааст – 2 хол
- Ҳамаи калимаҳоро дуруст навиштааст – 3 хол

1) **Иҷрои машқҳои луғавӣ** (нигаред ба бандҳои 1 ва 2-юми саволномаи зер)
2) **Санҷиши луғат ва мазмун.** Ба хонанда якчанд мавзӯъ барои интихоб пешниҳод карда мешавад. Аз ӯ хоҳиш карда мешавад, ки ду ё се ҷумла нависанд. Сипас, кори хонандагон дар асоси меъёрҳои зерин санҷида мешавад ва натиҷаи холҳо дар ҷадвал дарҷ мегардад. Диққат! Хонанда худаш мавзӯъро интихоб мекунад.

***Намунаи мавзӯъҳо***: *Чаро ман мактабро дӯст медорам? Китоб – дӯсти инсон, Тобистон хуш гузашт, Дӯст, Тирмоҳ, Офтоб, Замин, Падар, Модар ва амсоли он.*

| **Меъёрҳо** | Тамоман не | Қисман | Пурра |
|---|---|---|---|
| Миқдори мувофиқи луғатро истифода бурдааст | 0 | 1 | 2 |
| Калимаҳоро бамаврид истифода бурдааст | 0 | 1 | 2 |
| Тартиби мантиқии матн риоя шудааст | 0 | 1 | 2 |
| Сохтори матн риоя шудааст | 0 | 1 | 2 |
| Хонанда ақидаашро равшан баён кардааст | 0 | 1 | 2 |
| **Ҷамъ** | | | |

3) Санҷиши қоидаҳои гӯш кардану гуфтан

Тавсия мешавад, ки қоидаҳои гӯш кардану шунидан якҷоя санҷида шаванд. Барои гузаронидани чунин санҷиш дар асоси меъёрҳои зерин ҷадвали арзёбӣ таҳия намоед:

- ҳангоми гуфтор баландии овозаш мувофиқ аст;
- луғати мувофиқро истифода мебарад;
- қоидаҳои бонавбат сухан гуфтанро медонад ва риоя мекунад (суханони дигаронро намебурад, ба дигарон низ имконияти сухан гуфтан медиҳад);
- фаҳмо ва бо суръати мувофиқ гап мезанад;
- дигаронро бодиққат гӯш мекунад;
- фаҳмидани суханони дигаронро тасдиқ мекунад (ин маънои онро надорад, ки бо гӯянда розӣ аст).

Дар раванди дарс иҷрои ин меъёрҳоро мушоҳида кунед

4) Саволнома

**1. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ фикр карда нависед.**

**а)** Аз чунин шиносоӣ басо ….

б) Туро аз … дил меҳмондорӣ мекунам.

**2. "Туро аз сидқи дил меҳмондорӣ мекунам.» - мегӯяд Рӯбоҳак. Боз кадом корҳоро "аз сидқи дил" иҷро мекунанд? Нависед.**

______________________________________________________________________________.

**3. Дар кадом қатор симоҳои асосии матн оварда шудаанд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)

А. Рӯбоҳ ва суғур

Б. Суғурҷон ва рӯбоҳ

В. Рӯбоҳак ва Суғурҷон

Г. Рӯбоҳак ва суғур

**4. Воқеаи асосӣ дар куҷо рӯй дода буд?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)

А. Дар доманаи кӯҳ

Б. Дар хонаи Рӯбоҳак

В. Дар марғзор

Г. Дар хонаи Суғурҷон

**5. Чаро дӯстии Рӯбоҳаку Суғурҷон ба охир расид?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)

А. Суғурҷон дурӯғ гуфт.

Б. Рӯбоҳак фаҳмидан нахост.

В. Рӯбоҳак ҳилагар аст.

Г. Суғурҷон фаҳмонда натавонист.

**6. Дар ҷумлаи** «Суғурҷон дилтанг шуд ва зор-зор гиря кард.» калимаи **"дилтанг"** чӣ маъно дорад? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред.)

А. хотирпарешон

Б. бадқаҳр

В. хурсанд

Г. ғамгин

**7. Пайдарҳамии дурусти мазмуни матнро муайян кунед** (дар сутуни якум рақамҳои мувофиқ гузоред).

| | |
|---|---|
| | Суғурҷон Рӯбоҳакро ба меҳмонӣ даъват кард. |
| | Онҳо бо ҳам шавла хӯрданд. |
| | Суғурҷон дилтанг шуд ва зор-зор гиря кард. |
| | Рӯбоҳак ва Суғурҷон дӯст шуданд. |
| | Рӯбоҳак ба суханони Суғурҷон бовар накард. |

**8. Калимаҳои сутуни якумро ба шарҳашон мувофиқ гузоред** (бо пайкон ишора кунед).

| | |
|---|---|
| **Дӯст** | хашмгин, қаҳролуд, ғазабнок |
| **хурсанд** | шарик, рафиқ, ошно |
| **оташин** | шод, мамнун |

**9. Фикри асосии матн дар кадом ҷумла ифода ёфтааст?** (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред.)

А. Ростӣ, ки ин дунё бе дӯсту бародар як саҳрои холиро мемондааст …

**Б.** Аз дӯсте, ки сухани туро то охир шунидан намехоҳад, ҷудо будан беҳтар аст!

В. Аз дӯстиамон як соат нагузаштаасту оламро пури дурӯғ кардӣ!

Г. Биё, ҳар ду дӯст шавему ҳар замон вохӯрда, ғубори диламонро барорем!

### 4.1.3. Арзёбии ҷамъбастии дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар охири рейтинг (чоряк).

Дар охири ҳар рейтинг (чоряк) мо қисман дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани хонандагонро тавассути фаъолиятҳои таълим арзёбӣ намуда, ба онҳо баҳо (ҷамъбасти рейтинг) мегузорем. Натиҷаҳои арзёбии охири рейтинг нисбат ба арзёбии дарсҳо афзалият доранд.

Ҳангоми арзёбии натиҷаҳои таълимии хонандагон дар охири ҳар рейтинг метавонед аз намунаҳое, ки барои арзёбии натиҷаҳои таълимии дарс дар боло оварда шудаанд истифода баред.

### 4.1.4. Арзёбии ҷамъбастии аввали сол, нимсолаи аввал ва охири соли таҳсил.

Дарсҳои арзёбии ҷамъбастии салоҳиятнокии хонандагон (дар аввали соли таҳсил, нимола, ва охири соли таҳсил) яке аз талаботи низоми таълими салоҳиятнокӣ буда, мақсади асосии он муайян кардани дараҷаи салоҳиятнокии хонандагон дар давраҳои муайяни таҳсил аст. Натиҷаҳои таҳлили он имкон медиҳанд, ки шумо дар бораи дониш, малака ва маҳорати ҳар як хонанда маълумоти дақиқ дошта бошед.

Дар доираи дарсҳои мазкур салоҳиятҳои хонандагон доир ба фаъолиятҳои нутқ: гуфтан, гӯш кардан (шунидан), хондан ва навиштан санҷида шуда, маълумоти ибтидоӣ гирд оварда мешавад. Ин ба омӯзгорон, имкон медиҳад, ки дар кадом сатҳ қарор доштани дараҷаи салоҳиятнокии хонандагони синфи худро муайян кунанд. Албатта, ин навъи арзёбӣ барои омӯзгороне, ки дар синфашон шумораи хонандагон зиёд аст, шояд вақт камӣ кунад. Онҳо метавонанд аз кӯмаки ҳамкасбони худ ва хонандагони синфҳои болоӣ истифода баранд.

Барои гузаронидани арзёбии ҷамъбастии нимсола ва охири соли таҳсил (барои аввали сол ташхисӣ) дастур ва намунаҳои зеринро истифода бурда метавонед.

### 4.1.5. Арзёбии салоҳиятнокии хонандагон оид ба нутқи шифоҳӣ (гӯш кардану дарк намудан)

Вобаста ба синф матни мувофиқро интихоб кунед.

***Намунаи матн:***

Рӯзе зоғе кабкеро дид, ки дар рӯйи замин мехиромад.

Зоғ орзу кард, ки мисли кабк роҳ равад. Зоғ чанд муддат аз паси кабк давид ва роҳгардии ӯро тамошо кард.

Рӯзе кабк гуфт:

– Эй зоғи сиёҳ чаро гирди ман мегардӣ, мақсади ту чист?

Зоғ гуфт:

– Эй зеботарини парандагон!

Рафтори ту бисёр хуш аст. Мехоҳам, ки рафтори туро омӯзам ва пеши ҳамҷинсони худ фахр кунам.

Кабк хандид ва гуфт:

Аз ин хаёл бигзар ва ин андешаро аз сарат дур кун.

Зоғ ҷавоб дод:

– Ман, ки ба коре азм кардам, ба осонӣ тарк нахоҳам кард.

Бечора зоғ муддате аз пайи кабк бидавид. Вай рафтори кабкро наомӯхта рафтори худ низ фаромӯш кард. ( Мазмун аз *Ҳусайн Воизи Кошифӣ)*

Аз рӯйи мазмуни матн пешакӣ дар зинаҳои гуногун (дар хотир гирифтан, фаҳмидан, истифода кардан, таҳлилу арзёбӣ ва эҷод) саволнома (5 савол) тартиб диҳед.

***Намуна***:

Синфи 4 «_ » МТМУ № ___ Ному насаб ________________________________________

Саволнома

1. Зоғ чӣ орзу кард? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
   А. Орзу мекард, ки ранги сафед дошта бошад.
   Б. Орзу мекард, ки зебо роҳ гардад.
   В. Орзу мекард, ки мисли кабк роҳ равад.
   Г. Орзу мекард, ки мисли кабк хушхон бошад.

2. Барои чӣ зоғ мехост, ки роҳравии кабкро омӯзад? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
   А. Зоғ мехост, ки дар пеши ҳамҷинсони худ фахр кунад.
   Б. Зоғ мехост, ки шоҳи ҳамҷинсони худ шавад.
   В. Зоғ мехост, ки аз дигар ҳамҷинсон фарқ кунад.
   Г. Зоғ мехост, ки худро нишон диҳад.

3. Барои чӣ зоғ рафтори кабкро наомӯхт? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
   А. Барои он ки кабк ёд надод.
   Б. Барои он ки нияти бад дошт.
   В. Барои он ки зӯраш нарасид.
   Г. Барои он ки вақт кам буд.

4. Ба ин матн кадом сарлавҳа мувофиқ аст? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
   А. Зоғ ва кабк
   Б. Зоғи тақлидкор
   В. Зоғи нодон
   Г. Кабки худписанд

5. Фикри асосии матн чист? (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред).
   А. Зӯри беҳуда миён мешиканад.
   Б. Агар ба касе тақлид кунӣ, машҳур мешавӣ.
   В. Агар ба касе тақлид кунӣ, албатта ба ҷойе мерасӣ.
   Г. Агар ба касе тақлид кунӣ, онро наомӯхта аз рафтори худ мемонӣ.

Диққати ҳамаро ба худ ҷалб кунед ва шарти супоришро фаҳмонед: «Ман ҳозир як матнро мехонам. Шумо бодиққат гӯш кунед, сипас ба саволҳо ҷавоб мегӯед».

- Матнро як маротиба равону бурро хонед.
- Варақаи саволномаҳоро ба хонандагон тақсим кунед ва 10 дақиқа вақт диҳед, ки аз рӯйи матни гӯш кардаашон ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

– Варақаи саволномаҳоро ҷамъ кунед. Дар вақти мувофиқ онҳоро таҳлил намуда, натиҷаҳои онро дар ҷадвали зер нависед.

Ҷадвали санҷиши салоҳиятҳои гӯш кардан ва дарк намудан

Синф___ МТМУ № ________________ Ноҳия (шаҳр) ______________________________

| Ному насаби хонандагони синф | Аз рӯйи матни гӯш карда ба чанд савол ҷавоби дуруст дод? | | |
|---|---|---|---|
| | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи II |
| 1. Аюбзода Аббос | 4 | | |
| 2. Беҳрӯздухти Бунафша | 3 | | |
| 3. Гулмуҳаммадзода Гулнора | 2 | | |
| 4. ................. | | | |

Ҷадвали боло нишон медиҳад, ки Аюбзода Аббос аз панҷ савол ба чортоаш ҷавоби дуруст додааст. Гулмуҳаммадзода Гулнора ба 2 савол ҷавоби дуруст додааст. То моҳи декабр (арзёбии нимсола) бо вай дар масъалаи фаҳмидани маънои матни шунида кор баред.

### 4.1.6. Арзёбии салоҳиятнокии хонандагон оид ба нутқи хаттӣ (хондан ва дарк намудан)

Матнро дар ҳаҷми 80 калима пешакӣ интихоб кунед.
Намунаи матн:

*Мулло Насриддин маркаби худро барои фурӯхтан ба бозор бурд. Роҳ лой буд. Дар байни роҳ думи маркаб лойолуд шуд.*

*Мулло Насриддин худ ба худ фикр кард: аҷаб нест бо чунин думи лойолуд маркабро ҳеҷ кас нахарад. Ӯ думи маркабро бурида ба хӯрҷин андохт.*

*Шахсе муштари (харидор)-и маркаб шуд. Маркаб дум надошт. Харидор ба соҳиби маркаб гуфт:*

*– Маркаби бедум фоида надорад.*

*Мулло Насриддин бошитоб ҷавоб дод:*

*– Шумо савдо кардан гиред. Аз бобати думи вай хотиратон ҷамъ бошад. Думаш дар хӯрҷин аст.*

Аз рӯйи мазмуни матн пешакӣ дар зинаҳои гуногун (дар хотир гирифтан, фаҳмидан, истифода кардан, таҳлилу арзёбӣ ва эҷод) саволнома (5 савол) тартиб диҳед.

Саволнома

1. Мулло Насриддин ба куҷо равон шуд? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
   А. Ба бозор
   Б. Ба раҳи лойолуд
   В. Ба ҷангал барои ҳезум
   Г. Барои сайругашт

2. Дар кадом қатор ҳаммаънои «маркаб» омадааст? (Ҳарфи ҷавоби дурустро ба давра гиред).
   А. Уштур
   Б. Асп

В. Хачир
Г. Хар

3. Барои чӣ думи маркаб лойолуд шуд? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
А. Маркаб афтид.
Б. Аҳамият надод.
В. Роҳ лой буд.
Г. Думаш дароз буд.

4. Мулло Насриддин барои чӣ думи маркабро бурид? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
А. Барои он ки лойолуд шуд.
Б. Бо думи лойолуд ҳеҷ кас намехарад.
В. Афти маркабро безеб мекард.
Г. Қаҳри Мулло Насриддинро овард.

5. Ба ин матн кадом сарлавҳа мувофиқ аст? (Ҳарфи ҷавоби дурустро дар давра гиред).
А. Ба бозор рафтани Мулло Насриддин
Б. Ҳозирҷавобии Мулло Насриддин
В. Мулло Насриддин ва савдогарон
Г. Хари лойолуд

Диққати ҳамаро ба худ ҷалб кунед ва шарти супоришро фаҳмонед: «Шумо ҳозир дар як дақиқа як матнро хомӯшона мехонед, сипас ба саволҳо ҷавоб мегӯед».

Матнро пешакӣ дар варақи сафеди калон ё лавҳи дарсхона ба андозае, ки ҳамаи хонандагон онро хонда тавонанд нависед.

Барои хондан як дақиқа вақт диҳед. Пас аз гузашти як дақиқа рӯйи матнро пӯшед.

Варақаи саволномаҳоро ба хонандагон тақсим кунед ва 10 дақиқа вақт диҳед, ки аз рӯйи матни хондаашон ба саволҳо ҷавоб диҳанд.

Варақаи саволномаҳоро ҷамъ кунед. Дар вақти мувофиқ онҳоро таҳлил намуда, натиҷаҳои онро дар ҷадвали зер нависед. Шумораи ҷавобҳои дурустро дар ҷадвали зер нависед.

Ҷадвали санҷиши малакаҳои хондан
Синф___ МТМУ № ________________ Ноҳия (шаҳр) ________________________________

| **Ному насаби хонанда** | **Дар як дақиқа чанд калимаи матнро дуруст хонд?** | | | **Аз рӯйи матни хонда ба чанд савол ҷавоби дуруст дод?** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи II | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи II |
| Аюбзода Аббос | 76 | | | 4 | | |
| Бехрӯздухти Бунафша | 80 | | | 3 | | |
| Гулмуҳаммадзода Гулнора | 71 | | | 2 | | |

**Санҷиши суръати хониш.**

Дар ин дарс суръати хонишро санҷед. Ҳар як хонандаро назди худ хонда, хоҳиш намоед, ки матни латифаеро, ки дар боло оварда шудааст, хонанд. Муайян кунед, ки хонанда дар як дақиқа чанд калимаи дуруст хонд. Натиҷаҳои нишондодаро сутуни аввал (зерсутуни якум)-и ҷадвали боло дарҷ кунед. Дар сурати пурра санҷида нашудани ҳамаи хонандагон пас аз дарс барои онҳо вақти муайян ҷудо кунед. Аммо он набояд вақти зиёди хонандагонро гирад.

**4.1.6. Арзёбии салоҳиятнокии хонандагон оид ба нутқи хаттӣ (навиштан)**

Дар ин соат салоҳияти навиштани хонандагон арзёбӣ карда мешавад.

*Тартиб*:

- Расми мазмуннокеро, ки аз рӯйи он ҳикоя навишта шавад пешакӣ интихоб намоед.
- Онро дар лавҳи дарсхона овезон кунед.
- Хонандагонро водор намоед, ки расмро бодиққат тамошо кунанд.
- Аз рӯйи мазмуни расм иншо нависанд.
- Барои навиштани иншо 30 дақиқа вақт ҷудо кунед.
- Баъди навиштани иншо имкон диҳед, ки хонандагон навиштаи худро аз назар гузаронанд.
- Иншои хонандагонро ҷамъ карда, арзёбӣ кунед ва натиҷаҳои онро дар ҷадвали зер дарҷ намоед. (Ҳаҷми иншо барои синфи 2 на камтар аз 30 калима; синфи 3 на камтар аз 45 калима; синфи 4 на камтар аз 60 калима). Баҳо гузоред (5,4,3,2,1).

**Тавсия**: ҳангоми арзёбии ҳикояҳои навишта ду баҳо гузошта мешавад

**1. Мазмуннокӣ ва тарзи баён** (Мувофиқати мазмун ба расм (агар хонанда аз доираи мазмуни расм берун баромада фикрҳои ҷолибро пешниҳод кунад, нуран алонур мешавад. услуб, риояи сохтор (оғоз, қисми асосӣ, анҷом; пайдарпайӣ (алоқамандӣ)-и мантиқии ҷумлаҳо; гузоштани сархат)

**2. Риояи қоидаҳои навиштан** (ғалатҳои имлоӣ ва аломатҳои китобат (аломатҳои нуқта ва савол дар охири ҷумла; аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомадаи марбути исм, феъл, сифат; зебо ва тозагии навишт).

Ҷадвали санҷиши салоҳиятҳои навиштан:

Синф___ МТМУ № ________________ Ноҳия (шаҳр) ___________________________

| Ному насаби хонандагон | **Мазмун Риояи қоидаҳо** *(нигаред ба нишондиҳандаҳои салоҳияти сеюми самти навиштан)* | | | **Тарзи баён Риояи қоидаҳо** *(нигаред ба нишондиҳандаҳои салоҳияти дуюми самти навиштан)* | | | **Риояи қоидаҳо Риояи қоидаҳо** *(нигаред ба нишондиҳандаҳо и салоҳияти якуми самти навиштан)* | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи II | Аввали сол | Нимсолаи | Нимсолаи I I | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи II |
| 1. Аюбзода Аббос | | | | | | | | | |
| 2. Беҳрӯздухти Бунафша | | | | | | | | | |
| 3. Гулмуҳаммадзода Гулнора | | | | | | | | | |

| 4. Далерпур Даврон | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ............................................ | | | | | | | | | |

**Тавсия.** Ҳангоми арзёбии саводнокӣ дар ҳикоя меъёрҳои зеринро ба эътибор гиред.

- **Ғалатҳои имлоӣ**. Ғалатҳои зерин ғалатҳои имлоӣ ҳисобида мешаванд: ба ҷойи Ғ-ғ, ӣ- и, ӯ-у, й-е, е-й, е-э, э-е навиштан; партофта шудани ҳарфҳо (машқҳо- машқо); илова кардани ҳарфҳо ( дос-дост); иваз шудани ҷойи ҳарфҳо (рутба-рубта) ; нодуруст аз сатр ба сатр гузарондани ҳиссаи калима ва амсоли онҳо. Ишораи ғалати имлоӣ (✓)
- **Аломатҳои китобат**. Ҳангоми баҳогузории имло аломатҳои китобати зерин ба эътибор гирифта мешаванд. Нуқта, аломати савол, аломати хитоб, аломати вергул пас аз калимаҳои пайиҳамомадаи марбути исм, феъл, сифат. Ишораи ғалати аломати китобат (⦿)
- **Ғалатҳои услубӣ** (агар талаба калима (ҳо), ибора (ҳо)-ро партофта, ё ҷойи онҳоро иваз карда бошад маънои ҷумла коста мегардад ва мутаносибан он ғалати услубӣ ҳисоб мешавад. Ишораи ғалати услубӣ (☒)
- Агар ислоҳи талаба дуруст бошад, калима ҳамчун дурустнавишта ҳисоб мешавад.
- Агар ислоҳи талаба нодуруст бошад, калима нодуруст ҳисобида мешавад.
- Ғалатҳое, ки хусусияти якхела доранд (дар калимаҳои якхела рӯй медиҳанд), як ғалат шумурда мешаванд. Агар ҳамин ғалат дар калимаҳои гуногун рӯй дода бошад, ғалатҳо ҳархела ҳисоб карда мешаванд.
- Ба зери калимаҳои ғалат хат кашида мешавад ва дар ҳошияи дафтар аломати ифодакунандаи ин ғалат оварда мешавад.

### 4.1.7. Арзёбии салоҳиятнокии хонандагон оид ба нутқи шифоҳӣ (гуфтан)

1) Миқдори муайяни номгӯйи мавзӯъҳоро тартиб диҳед ва дар варақа нависед («Сулҳ», «Дӯстӣ», «Ватан», «Эҳтироми падару модар», «Фасли дӯстдошта», «Шуғли дӯстдоштаи ман», «Барномаҳои телевизионӣ» ва ғайраҳо).
2) Варақаи мавзӯъҳоро ба хонандагон тақсим кунед. Шарт нест, ки ҳар як хонанда як мавзӯъ гирад. Як мавзӯъро метавонад чанд хонанда гирад.
3) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки мувофиқи мавзӯъ шифоҳӣ нақл тартиб диҳанд. Барои ин ба онҳо панҷ дақиқа вақт диҳед.
4) Хонандагон мавзӯъҳои худро ҳикоя мекунанд.
5) Ҳикояҳои хонандагонро арзёбӣ карда, натиҷаҳои онро дар ҷадвали зер қайд намоед. Баҳо гузоред (5,4,3,2).

Ҷадвали санҷиши салоҳиятҳои гуфтан

Синф___ МТМУ № _________________ Ноҳия (шаҳр) _________________________________

| Ному насаби хонандагон | **Мазмун** *(нигаред ба нишондиҳандаҳои салоҳияти сеюми самти гуфтан)* | **Тарзи баён** *(нигаред ба нишондиҳандаҳои салоҳияти дуюми самти гуфтан)* | **Риояи қоидаҳо** *(нигаред ба нишондиҳандаҳои салоҳияти якуми самти гуфтан)* |
|---|---|---|---|
| | | | |

| | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи II | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи II | Аввали сол | Нимсолаи I | Нимсолаи II |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. Аюбзода Аббос | | | | | | | | | |
| 2. Беҳрӯздухти Бунафша | | | | | | | | | |
| 3. Гулмуҳаммадзода Гулнора | | | | | | | | | |
| 4. Далерпур Даврон | | | | | | | | | |
| ............................................ | | | | | | | | | |

## 4.2. Арзёбии салоҳиятҳои хонандагон аз фанни "Суруд ва мусиқӣ"

Арзёбии салоҳиятҳо аз фанни "Суруд ва мусиқӣ" дар ҳар дарс (арзёбии ташаккулдиҳанда), ҷамъбастӣ, нимсолаю солонаи фаъолияти хонандагон ва ба натиҷаи он гузошта мешавад.

Раванди инкишофи батадриҷи фардии хонанда дар асоси муқоисаи муваффақияти ҳозира бо комёбии гузаштаи ӯ муайян карда мешавад, яъне аз нуктаи оғози ба даст овардан то нишон додани салоҳият. Муқоисаи байниҳамдигарии хонандагон пазируфта намешавад. Ба онҳо барои иҷрои фаъолияти якҷоя низ баҳогузорӣ карда мешавад.

Дар синфҳои 2-4-ум натиҷаи фаъолияти таълимии хонандагон вобаста ба ташаккули салоҳиятҳо то 5-холӣ баҳогузорӣ карда мешавад, аммо новабаста аз гузариш ба шакли дигари баҳогузорӣ (5 бала, 10, 20 ё 100 бала) принсипи баҳогузорӣ, ки сатҳи ниҳоии ташаккули салоҳиятҳои ҳар як хонандаро дар бар мегирад, боқӣ мемонад.

Пешниҳод менамоем, ки дар машғулиятҳои «Суруд ва мусиқӣ» ба натиҷаи дастовардҳои хонандагон баҳои «2» (ғайриқаноатбахш) гузошта нашавад. Чунки талабаи солиме, ки ба муассисаҳои таълимӣ қабул мегардад, имкон надорад, ки ақалан амалҳои оддитарини суруду мусиқиро иҷро карда натавонад.

### 4.2.1. Санҷиши хонандагон дар ҳар дарс.

Дар ҳар дарс санҷиши хонандагон бо мақсади муайян кардани дастовардҳои мушаххас гузаронида мешавад. Чунин намуди санҷиш ҷиҳатҳои тарбиявӣ ва ҳавасмандии хонандагонро ба эътибор гирифта, барои ташаккули дурусти худбаҳодиҳии хонанда ва барои ба назар гирифтани хусусиятҳои шахсӣ шароит фароҳам меорад.

Ҳангоми **санҷиши дастовардҳои хонандагон дар ҳар дарс** омӯзгор ба сифати нишондодҳои асосии зерини таълим такя менамояд:

- сифатнок аз худ намудан, дарки мавод ва дараҷаи ташаккули салоҳиятҳои пешбинишуда;
- дараҷаи ҷалби хонанда ба фаъолияти бадеию маърифатӣ;
- ҳавасмандӣ барои иҷрои супоришҳои дараҷаи душвориаш гуногун;
- пайдо намудани малака ва маҳоратҳои алоҳидаи умумитаълимӣ дар фаъолиятҳои амалӣ;
- ба даст овардани нишондиҳандаҳои алоҳида доир ба ташаккули салоҳиятҳо дар давоми сол.

Баҳо ҳангоми санҷиши хонандагон дар ҳар дарс барои фаъолиятҳои алоҳида ва ё ба тамоми кори дар синф иҷрошуда гузошта мешавад.

Ҳангоми санҷиши хонандагон дар ҳар дарс чунин шакл ва воситаҳо истифода мешаванд:

**Дарки (шунидани) мусиқӣ:**

1) *Пурсиши шифоҳӣ (ҷавоб ба саволҳои пешниҳодшуда, таҳлили одии асарҳои шунида, тавсифи умумии эҷодиёти оҳангсоз, тасвири шифоҳии образҳои мусиқӣ ва ғайра);*
2) *Масъалаҳои хаттӣ (викторинаи мусиқии иборат аз 5-6 асар, супоришҳои тестӣ, иҷрои масъалаҳое, ки хусусияти эҷодӣ доранд, тасвири хатии образҳои мусиқӣ ва ғайра).*

**Фаъолияти амалӣ (сароияндагӣ, иҷрокунандагӣ) ва эҷодӣ:**

1. *Иҷрои овозию ҳамсароӣ (иҷрои намуди фардӣ, гуруҳӣ, инчунин ҳамсароӣ низ тавсия мешавад);*
2. *Навозиш дар созҳо (намуди навозишҳои фардӣ ва якҷоя (гуруҳӣ, даста);*
3. *Иҷрои супоришҳои эҷодӣ (тартиб додан ва навозиши зарбҳои оддӣ, навозиши зарбҳо аз порчаҳои асарҳои омӯхташаванда, супоришҳо аз китобҳои дарсӣ).*

Дар фаъолияти амалӣ ба сатҳи ташаккули салоҳиятҳо (дониш, малака, маҳорат ва қобилиятҳо)-и мусиқии ҳар хонанда баҳо гузошта мешавад.

### 4.2.2. Санҷиши хонандагон дар нимсола

Бо мақсади арзёбии салоҳиятҳои бадастоварда дар муддати ним соли таълимӣ санҷиши хонандагон гузаронида мешавад.

Азбаски барои таълими фанни «Суруд ва мусиқӣ» мувофиқи нақшаи таълим дар ҳафта як соат ҷудо шудааст, баҳои ҷамъбастиро на дар ҳар як ҷамъбасти рейтинг, балки дар нимсола гузоштан бамаврид аст. Чунин намуди санҷишро чи дар шакли шифоҳӣ ва чи хаттӣ гузаронидан мумкин аст. Санҷиш бояд самти салоҳиятҳо (ҳамаи намуди фаъолиятҳо)-ро фаро гирад, ки стандарти фан дар ҳар синф пешбинӣ намудааст.

Дар ин ҳол метавон шаклҳои дарси ғайрианъанавиро (дарс-консерт, дарс-мусобиқа ва ғайра) низ истифода бурд. Чи дар намуди дарсҳои анъанавӣ ва чи дар ғайрианъанавӣ бояд натиҷаҳои фаъолияти таълимии ҳар як хонанда арзёбӣ карда шавад, ки дар он метавон намудҳо, методҳо ва воситаҳои гуногуни санҷиш (викторинаҳои мусиқӣ, супоришҳои тестӣ ва ғайра)-ро истифода намуд.

Арзёбӣ дар нимсола бо назардошти натиҷаҳои дар дарсҳо ба даст овардашуда ба амал меояд. Дар он бартарии баҳои гирифтаи хонандаро ба эътибор гирифта, омӯзгор бо назардошти дастовардҳои таълимии ӯ дар ҳамаи намудҳои фаъолият салоҳиятҳоро ташаккул медиҳад ва аз натиҷаи он баҳо гузошта метавонад.

### 4.2.3. Санҷиши солона

Барои муайян намудани дараҷаи ба даст овардаи салоҳияти хонанда дар давоми сол санҷиш гузаронида мешавад. Баҳои солона дар асоси баҳои дар ду нимсола гирифташуда, бо назардошти дастовардҳои фардии хонанда ва аз рӯйи ҳадди ниҳоии холи гирифтааш гузошта мешавад.

Вобаста ба хусусиятҳои хоси машғулиятҳои мусиқӣ, ки се тарзи асосии кор (шунидан, сурудан, маърифат (савод)-и мусиқӣ)-ро дар бар мегирад, намудҳои назорат ҳам аз рӯи ҳамин се самт ба роҳ монда мешавад.

***Шунидан:*** донистан ва дар хотир доштани мусиқии омӯхташуда, баёни ҳиссиёти шахсӣ дар асарҳои шунида ва муайян намудани жанрҳои алоҳидаи мусиқӣ. Натиҷаи нисбатан самарабахши шакли назорат ташкили викторинаҳои мусиқии фарогири лаҳзаҳои асарҳои мусиқӣ ба шумор меравад.

***Сурудан:*** корҳои амалӣ; дарсҳои ҷамъбастӣ - консертҳо дар охири ҳар як нимсола ва охири сол бо номераҳои аз рӯйи таркиб гуногуни сурудҳо: хорӣ, ансамбл, яккасароӣ.

***Маърифат (савод)-и мусиқӣ:*** масъалаҳои тестӣ. Ба масъалаҳои тестӣ маълумоти зарууртарин (мафҳум дар бораи намудҳои мусиқӣ, муаллифони осори мусиқии машҳур, донистани номи созҳои мусиқӣ, шарҳи ҳоли оҳангсозон, мазмун ва сохтори асарҳо) ворид карда мешаванд.

***Талабот ба гузарондани санҷиш:***

- саволҳои пурсишнома дар доираи муайян намудани рушди салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо бошад;
- супоришҳо танҳо маводи омӯхташудаи фанро фаро гиранд;
- тарзи ифодаи саволҳо ба хонандаҳо фаҳмо ва дастрас бошад;
- пурсишнома мунтазам гузаронида шавад, то ки талабагон ба талаботи он одат кунанд.

***Талабот ба гузаронидани назорати масъалаҳои тестӣ:***

- масъалаҳои таълимӣ бояд ба сатҳи стандарти давлатии таҳсилот мутобиқат кунанд.
- санҷишҳои тестӣ аз фанни «Суруд ва мусиқӣ» алоҳида гузаронида мешаванд.
- санҷиши иҷрои талаботи стандарт бояд дар арафаи анҷомёбии давраҳои раванди таҳсил, инчунин дар охири зинаи ибтидоии таълим дар синфи 4-ум ба амал бароварда мешавад.

### 4.2.4. Намунаҳои арзёбӣ

**Намунаҳои арзёбӣ оид ба сурудан**

***Баҳодиҳӣ ба фаъолияти коллективии хонандагон***

Азбаски бештари фаъолияти хонандагон дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ ба фаъолияти сарояндагӣ равона карда шудааст, баҳодиҳии якҷояи хонандагон ҳангоми ҳамсароӣ пазируфта мешавад. Он дар шакли гуногун гузаронида мешавад: дар гурӯҳҳои хурд, дар саф ё қатори муайян, дар ҳамсароӣ. Дар ин маврид бештар ба донистани матн ва дуруст иҷро намудани суруд аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Масалан, аз як гурӯҳ ё қатор хоҳиш намоед, ки сурудро иҷро намояд, боқимонда хонандагон ҳамчун экспертон ба сароидани гурӯҳ ё қатор баҳо медиҳанд. Бояд дар хотир дошта бошед, ки ҳангоми баҳодиҳӣ танҳо ба иҷрои як супориш баҳо дода мешавад, на барои иҷроиши пурраи супоришҳо. Дар ин маврид як ё ду унсури оддитарини меъёрҳоро баҳо медиҳем, масалан:

- иҷроиши дурусти қоидаҳои сурудан;
- тоза талаффуз намудани ҳиҷо, калима ва ибораҳои суруд;
- донистани матни суруд;
- баён намудан/нишон додани ҳиссиётҳо ҳангоми сурудан ва ғайра.

***Дар назди лавҳ (тахта)-и синф***

Як шакли анъанавии методи пурсиш аст: хонанда месарояд, омӯзгор суруданро гӯш карда, баҳо мегузорад. Чунин шакли баҳогузорӣ дар ҳамон маврид самаранок мегардад, ки агар сурудани хонанда барои мулоҳизаронии аҳли синф замина гузорад. Мисол, дар назди лавҳи синф хонандае меистад, ки хеле хуб месарояд. Сароидани хонанда барои дигарон ҳамчун намуна хизмат менамояд.

Омӯзгорон боз як шакли дигари чунин усулро истифода мебаранд. Дар назди лавҳи синф хонандаи беҳтарин сурудро иҷро менамояд, омӯзгор пешниҳод менамояд, ки барои беҳбудӣ ва бартараф кардани камбудиҳояш хонандагон тавсияҳо диҳанд. Чунин фаъолият барои ба якдигар баҳо додани хонандагон имконияти бештар фароҳам меорад.

*Дастгирии мусбии педагогӣ*

Дар дарсҳо истифодаи дастгирии мусбии педагогӣ барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон яке аз вазифаи муҳими фанни мазкур ба шумор меравад. Онро дар адабиёти педагогӣ ҳамчун «баҳогузорӣ бе хол» низ меноманд. Азбаски дар дарсҳо якчанд фаъолияти мусиқӣ ба роҳ монда мешавад, ҷиҳатҳои мусибии фаъолияти хонандагонро дар дарс низ қайд намудан ба маврид аст. Масалан, Беҳрӯз, Аниса ва Аҳрор имрӯз хеле хуб сароиданд. Шодмон, Равшан ва Гулшан жанрҳоро хуб муайян намуданд. Хушбахт, Фирдавс ва Меҳрӣ миқдори овозҳоро дуруст муайян намуданд ва ғайра. Ин амал барои худбаҳодиҳии хонандагон замина гузошта, барои хонандагони дигар омили муҳими кӯшиши таълимгирӣ ё таҳсубкунӣ мегардад.

Як қонунияти муҳимро дар ин маврид бояд риоя намуд - тавсияҳо бояд аз ҷиҳати мусбӣ оғоз гарданд, мисол: «Ба ман тарзи иҷроиши Меҳрӣ хеле писанд омад», «Маро Фирдавс бо сурудани дурусти ҳиҷо ва ҷумлаҳои матни суруд хурсанд намуд. Ӯ хеле оромона ва форам сароид». Сипас, ба тавсияҳо гузаштан лозим аст, мисол: «Фирдавс хеле оромона ва форам сароид, аммо хуб мешуд сурудро каме боҷуръат ва тантананок месароид. Зеро суруд дар андозаи 4/4 навишта шудааст». «Ба ман тарзи иҷрои Меҳрӣ писанд омад, аммо каме матни сурудро фаромӯш кард» ва монанди ин. Тавсияҳо бояд характери хайрхоҳӣ дошта бошанд, мисол: «Ман мехостам … », «Хуб мешуд, агар … », «Баъд аз ман чунин такрор намо … » ва ғайра.

#### 4.2.5. Намунаҳои арзёбӣ оид ба шунидани мусиқӣ

*Пурсиши шифоҳӣ*

Аксари ҳолатҳо дар дарсҳо мо то андозае шакли пурсиширо доир ба асари шунида ба пуррагӣ мушоҳида намуда наметавонем. Аз ин рӯ, дар ин самти таълими фан, ки қисмати таркибии дарс ба шумор меравад, омӯзгор яз якчанд шаклҳои пурсиши шифоҳӣ самаранок бояд истифода барад. Масалан, «Блитс-пурсиш», «Пурсиш бо рақам», «Пурсиш аз рӯйи варақаи назоратӣ» ва ғайра. Дар ин шакл аз саволҳои хусусияти гуногундошта истифода намудан мумкин аст, ки он ба таҷрибаи омӯзгор, мақсад ва вазифаи таълимии гузошта вобастагӣ дорад. Барои мисол, «Ман/мо кадом асарро айни ҳол навохтам/ем (иҷро кардам/ем, шунавондам/ем)?», «Ҳангоми шунидани ин асар кадом фикрҳои муҳим шуморо ба ёд омад?», «Як лаҳза чашмонатонро пӯшед ва тасаввуроти худро бо расм ифода намоед»,

«Ҳангоми шунидан ин асар варақаҳоро бардоред, ки ба хусусияти оҳанг мувофиқ бошад: зард-хурсандибахш, сиёҳ-ғамангез» ва ғайра.

***Фаъолияти «Аз ҳама бодиққат»***

Омӯзгор мусиқии шиносро иҷро менамояд (менавозад). Дар як қисми асар оҳангро каме тағйир медиҳад ва ё пайдарҳамии сеовоза (аккорд)-ро тағйир медиҳад. Хонандагон бояд қисми тағйирёфтаро муайян намоянд. Ин амал барои сатҳи фаҳмиши шунавоии хонандагонро доир ба лаҳни мусиқӣ ва ҳамоҳангӣ (гармония) ташаккул медиҳад.

Гунаи дигар. Хонандагон ҳангоми шиносӣ бо оҳанги нав онро ду-се маротиба бо тарзи дуруст ва баҳсталаб мешунаванд. Баъд муайян менамоянд, ки кадоме аз он дуруст ва кадоме ғалат аст. Боз чандин гунаҳои дигарро низ истифода бурдан мумкин аст.

### 4.2.6. Намунаҳои арзёбӣ оид ба маърифати мусиқӣ

Дар синфи дуюм хонандагон бо тарзи навишт ва хондани нотаҳо шинос мешаванд. Инчунин, онҳо бо қаторовоз ва тартиби навишти он низ шиносоӣ пайдо менамоянд. Дар ин маврид шаклҳои гуногуни санҷиш ва ё арзёбии дастовардҳои хонандагонро доир ба самти маърифати мусиқӣ муайян намудан мумкин аст. Барои мисол, омӯзгор аз қаторовоз якчанд нотаҳоро менавозад ва аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки номи онро ёфта дар дафтар нависанд. Ва ё ҳангоми иҷрои як ду нотаи суруд (порчаи суруд) тамдиди нотаҳоро нависанд. Инчунин, ҳангоми шунидани асар ва ё баъд аз сурудан - лаҳн(мажор ё минор), андоза (2/4 ва ё 3/4) ва монанди онро нависанд.

Инчунин, масъалаҳои тестӣ низ дар шакли сода ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, масалан:

*Намунаи 1.* Кадоме аз созҳои мусиқии зерин ба гурӯҳи созҳои зарбӣ мансубанд?

а) дойра
б) ғижжак
в) най
г) чанг

*Намунаи 2.* Дар рӯйи хати якуми нотагоҳ кадом нота ҷойгир аст?

а) до
б) фа
в) ре
г) ми

***Дастоварди хонанда (портфолио хонанда)***

Ба кори худ баҳо додан фаъолияти аз ҳама мушкил барои хонанда ба шумор меравад. Ин фаъолият барои дарёфт ва ислоҳи ғалатҳои содиркарда равона шуда, қобилияти мустақилона ба худ баҳо доданро ташаккул медиҳад. Барои ин таҳияи меъёрҳои муайян ва таҳияи дастоварди хонанда кӯмак менамояд. Дар он хонандагон дастовардҳои худро ҷамъ намуда, ба кори худ баҳо медиҳанд. Як намунаи онро барои шумо дар доираи фанни мазкур пешниҳод менамоем:

1. *Корҳои эҷодӣ:*
   – расмҳо;
   – расм ва ё сурат доир ба суруд;

– расм ва ё сурат доир ба мазмуни асарҳои шунида ва ғайра.

2. *Корҳои беҳтарин, ки доир ба мусиқӣ пешрафтро нишон медиҳад:*
   – навишти нотаҳо;
   – иҷроиши саволномаҳои тестӣ, кроссвордҳо, викторинаҳои мусиқӣ;
   – эҷоди порчаи оҳангҳо, сурудҳо;
   – ифтихорнома доир ба иштирок дар озмунҳо.

3. *Натиҷаҳои таълимӣ-маърифатии фаъолияти хонанда:*
   – мустақилона ҷамъ намудани маводи маълумотию ахборотӣ аз сарчашмаҳои гуногун;
   – маърӯза;
   – мулоҳизаҳо доир ба ҷамъоварии маводи худ ва ғайра.

Натиҷаи ин фаъолият аз ташкил намудани намоиши дастовардҳо вобастагӣ дорад, ки хонандагон кори худро муаррифӣ менамоянд, яъне барои чӣ маҳз ҳамин корро анҷом додаанд. Иштироки ихтиёрии хонандагон шарти муҳим барои иштирок дар ин намоиш ба шумор меравад, омӯзгор бошад барои ин фаъолият шароити мусоидро бояд фароҳам орад.

**4.3. Арзёбии салоҳиятҳои фанни “Табиатшиносӣ”**

**4.3.1. Арзёбии малакаҳои мушоҳидакорӣ, таҷриба ва таҳлил**

Санҷиши малакаҳои мушоҳида, таҷриба ва таҳлил асосан дар натиҷаи арзёбии фаъолиятҳои таълимии таҷрибавӣ, мушоҳида ва саёҳат амалӣ карда мешаванд. Бо ин мақсад аз меъёрҳои зерин истифода бурда метавонед. Хонанда:

– дар фаъолиятҳо вобаста ба мушоҳида ва таҷриба фаъолона иштирок намудааст;
– дар рафти машғулиятҳо ба ҷараён диққат медиҳад;
– тартиби иҷрои фаъолиятҳоро аз рӯи нақшаи муайян анҷом додааст;
– маълумоти пешниҳодшударо тадқиқ ва таҳлил мекунад;
– ҳангоми коркарди маълумот, ёфтани роҳи ҳалли мушкилот аз омӯзгор кӯмак мепурсад;
– оид ба корҳои анҷомдодашуда фикрҳояшро баён ва асоснок карда метавонад;
– натиҷаҳои бадастомадаро ҷамъбаст карда метавонад;
– таасуроти худро оид ба кори анҷомдодашуда гуфта метавонад.

**4.3.2. Арзёбии натиҷаи мушоҳидаи хонандагон.**

Яке аз маъмултарин мушоҳидаҳое, ки дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз фанни табиатшиносӣ ба роҳ мондан мумкин аст ин мушоҳидаи обу ҳаво дар давоми рӯз, ҳафта, моҳ ва сол мебошад. Барои мисол арзёбии натиҷаи мушоҳидаи моҳонаи обу ҳаворо нишон медиҳем.

Барои амалӣ намудани мушоҳидаи обу ҳаво ба омӯзгор зарур аст, ки аввал хонандагонро бо қоида ва аломатҳои мушоҳида шинос намояд. Масалан:

Аломатҳои шартӣ барои мушоҳидаи ҳолати ҳаво (осмон):

○ - Осмони соф

◐ - Ҳавои тағйирёбанда (гоҳ абрнок, гоҳ соф)

● - Ҳавои абрнок

Аломатҳои шартӣ барои мушоҳидаи боришот:



- Борон
- Барф
- Жола
- Туман

Аломатҳои шартӣ барои нишон додани қувваи бод (шамол):



- Бебод (шамол нест)
- Шамоли суст
- Шамоли қувваааш миёна
- Шамоли сахт

Намунаи ҷадвали моҳонаи мушоҳидаи обу ҳаво:

| **Моҳ** | **О К Т Я Б Р** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Рӯзҳои ҳафта*** | ***Душанбе*** | ***Ҷумъа*** | ***Душанбе*** | ***Ҷумъа*** | ***Душанбе*** | ***Ҷумъа*** | ***Душанбе*** | ***Ҷумъа*** |
| ***Сана*** | ***03. 10*** | ***07. 10*** | ***11. 10*** | ***14. 10*** | ***18. 10*** | ***22. 10*** | ***24. 10*** | ***29. 10*** |
| Ҳолати ҳаво | ○ | ○ | ○ | ◐ | ◐ | ● | ◐ | ○ |
| Боришот | | | | | |  | | |
| Қувваи бод | ◎ |  |  |  |  |  |  |  |
| Ҳарорати ҳаво | $+27^0$ | $+27^0$ | $+25^0$ | $+23^0$ | $+24^0$ | $+20^0$ | $+22^0$ | $+24^0$ |

**Меъёрҳои арзёбии ҷадвали мушоҳидаи обу ҳаво**

Барои арзёбии ин фаъолияти хонандагон аз меъёрҳои зерин истифода бурдан мумкин аст:

1. Мушоҳидаи моҳона дар давоми ҳафтаҳои моҳ гузаронида шудааст /ҳа / не
2. Дар он ҳолати абрнокии ҳаво ба назар гирифта шудааст /ҳа / не
3. Дар давоми мушоҳида боришоти атмосферӣ қайд гардидааст /ҳа / не
4. Вазиши бод бо нишон додани қувваи он оварда шудааст /ҳа / не
5. Ҳарорати ҳаво дар давоми рӯзҳои ҳафта нишон дода шудааст /ҳа / не
6. Нишондодҳои ҷадвал ба ҳақиқат наздиканд /ҳа / не

**4.3.3. Арзёбии натиҷаи таҷрибагузаронии хонандагон.**

Барои намуна таҷрибаи «Муайян кардани таркиби хок»-ро дида мебароем.

**Раванди таҷриба:**

– Маводи лозимиро барои гузаронидани таҷриба омода намоед.
– Хонандагонро ба таҷрибагоҳ даъват кунед ва ҳангоми гузаронидани таҷриба бехатарии онҳоро таъмин намоед.
– Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷараёни таҷрибаро бодиққат мушоҳида кунанд ва дар хотир гиранд.

Таҷрибаро чӣ тавре, ки дар расм тасвир ёфтааст гузаронед:



Қадамҳои амаликунии таҷриба:

1. *Аз полиз каме хок гирифта, ба косачаи оҳанин андозед ва онро гарм кунед (нигаред ба расм).* Аз хонандагон пурсед: Чиро мушоҳида кардед?
2. *Ба болои хоки гарм шудаистода пораи шишаро нигоҳ доред (нигаред ба расм).* Аз хонандагон пурсед: Чиро мушоҳида кардед?
3. *Гармкуниро то сӯхтани хок давом диҳед.* Чиро мушоҳида ва ҳис кардед?
4. *Кулӯхмайдаро ба зарфи обдор андозед.* Чиро мушоҳида кардед?

Натиҷаи таҷрибаҳоро муайян кунед ва дар дафтар қайд кунед.

Меъёрҳои арзёбии раванд ва натиҷаи таҷриба.

Барои арзёбии таҷриба аз ҷадвали зер истифода бурдан мумкин аст:

| № | Унсурҳои арзёбишаванда | Меъёрҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳа | Қисман | Не |
| 1 | Маводи интихобшудаи таҷриба барои хонандагон дастрас аст | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2 | Бехатарии хонанда таъмин аст | | | |
| 3 | Хонанда равандро бодиққат мушоҳида мекунад | | | |
| 4 | Хонанда дар раванди таҷриба иштирок мекунад | | | |
| 5 | Натиҷаҳоро дар дафтар қайд мекунад | | | |
| 6 | Натиҷаҳои таҷрибаро таҳлил мекунад ва оид ба он фикр ва хулосаҳои худро гуфта метавонад | | | |
| | | | | |

**4.3.4. Арзёбии фаъолияти хонандагон тавассути савол ва масъалагузорӣ**

Гузориши савол яке аз омилҳои муҳими инкишофдиҳандаи қобилиятҳои фикррони ва нутқи хонандагон мебошад. Психологон саволро ба чангаке ташбеҳ додаанд, ки бо он фикри бачаро доштан мумкин аст. Тарзи пешниҳод намудани савол санъатест, ки ба маҳорати сафарбаркунандаи омӯзгор алоқаманд буда, хонандаро барои ҷавоб додан ҳавасманд мегардонад.

Ҳар як савол бояд ягон тарафи фикррониии бачаро инкишоф диҳад. Аз замонҳои пеш педагог ва психологҳо кӯшидаанд, ки саволҳоро ба гуруҳҳо ҷудо кунанд. Агар чунин ҳисоб кунем, ки ҳар як намуди савол як тарафи фикррониии хонандаро инкишоф диҳад, омӯзгор бо истифодаи онҳо дар ҷараёни таълим ҳам фикррониии худ ва ҳам хонандагонро инкишоф медиҳад.

Мувофиқи тақсимоти мутахассисон саволҳоро ба чунин гуруҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:

- ***саволҳои одӣ*** саволҳое мебошанд, ки аз шахс дониши хотиравӣ, асосан далелу рақамиро талаб мекунанд. Мисол, Кай?, Дар куҷо?, Чӣ қадар?, Кадом? ва ғайра. Намуна: Дар деҳаи шумо кадом паррандаҳо зиндагӣ мекунанд?, Баландии қуллаи «Исмоили Сомонӣ» чӣ қадар аст?
- ***саволҳои аниқкунанда -*** ин саволҳо аз он сабаб заруранд, ки дар бачаҳо маҳорати баёни фикрро инкишоф медиҳанд. Мисол, ба хонандагон бо чунин саволҳо муроҷиат кардан мумкин аст: «Чи хеле ки ман фаҳмидам,..», «Ман чунин фаҳмидам, шумо мегӯед, ки...» ва монанди инҳо. Бо ин гуна саволҳо мо гӯё ба хонанда гуфтанием: «Ба назарам, ман шуморо фаҳмидам... Мумкин аст гӯям, ки ман чӣ хел фаҳмидам, шумо аниқ кунед».
- ***саволҳои шарҳу эзоҳталаб*** – омӯзгор хонандагонро ба шарҳдиҳӣ водор карда, дар онҳо малакаҳои фаҳмидани сабабҳои ин ё он ақида, ҳодиса ва воқеаро инкишоф медиҳад. Истифодаи саволҳои шарҳу эзоҳталабро аз синфҳои 5-6 сар кардан бамаврид аст. Вале унсурҳои алоҳидаи онро аз синфҳои ибтидоӣ оғоз намудан мумкин. Мисол, «Агар Шумо парранда мебудед, барои зимистонгузаронӣ ба куҷо мерафтед?», «Агар шумо ҳайвони хонагӣ медоштед, барои нигоҳубини он кадом шароитҳоро муҳайё мекардед?»
- ***саволҳои арзёбикунанда (баҳодиҳанда)*** – ин саволҳо тарафҳои фикррониии ҳиссиётии хонандагонро инкишоф медиҳанд. Мисол, «Мушоҳидаи ин манзара (таҷриба) ба Шумо чӣ гуна таассурот бахшид?», «Ҳангоми ҳал кардани ин масъала Шумо чӣ эҳсос кардед?», «Дидани ин ҳодиса дар Шумо чӣ гуна ҳиссиёт пайдо кард?»

- ***саволҳои эҷодӣ*** саволҳое мебошанд, ки ба инкишофи фикри эҷодкорона равона шудаанд. Эҷодкорӣ ин анбори махсуси ақл аст. Мисол, «Агар баҳру укёнусҳо нест шаванд, дар рӯи замин кадом ҳодисаҳо ба амал меоянд?», «Агар гармии Офтоб тамом шавад, табиати Замин ба кадом дигаргуниҳо дучор мегардад?» ва ғайра.
- ***саволҳои амалӣ*** – ин саволҳо аз хонандагон иҷрои ягон амалро талаб мекунанд. Бисёр хуб мешавад, агар мо саволҳои амалиро бо калимаҳои «Чӣ гуна мо метавонем....» сар кунем, «Аз маводи ..... истифода карда, ин масъаларо чӣ гуна ҳал намудан мумкин аст?».

Вобаста ба мавзӯъ ва мақсади омӯзиш омӯзгор метавонад дар давоми як дарс аз ин саволҳо истифода кунад.

### 4.4. Арзёбии салоҳиятҳои фанни “Санъат ва меҳнат”

Барои муайян намудани дараҷаи ба даст овардаи салоҳияти хонанда аз фанни «Санъат ва меҳнат» дар давоми сол (дар аввали сол, рейтингҳои 2,3,4; нимсолаи 1; нимсолаи 2; ҷамъбасти сол) санҷишҳо гузаронида мешаванд. Санҷишҳоро дар шаклҳои гуногун гузаронидан мумкин аст: шифоҳӣ, тест, хаттӣ ва амалӣ (эҷод, ё иҷро намудани ягон амал) ва ғ. Воситаҳои арзёбӣ бояд мақсадҳои таълимии банақшагирифташударо инъикос кунанд.

Дар арзёбӣ намудани салоҳияти хонанда “Портфолио”- и ӯ нақши хеле калонро дорад. Дар портфолиои хонанда натиҷаҳои кори дастии ӯ нигоҳ дошта мешавад, ки ҳангоми арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ лозим мешаванд.

**Арзёбии ҷамъбастӣ**

Вобаста ба хусусиятҳои хоси машғулиятҳои мусиқӣ, ки се тарзи асосии кор (иҷрои амал, эҷод, арзёбӣ)-ро дар бар мегирад, намудҳои назорат ҳам аз рӯи ҳамин се самт ба роҳ монда мешавад.

**<u>Иҷрои амал:</u>** вобаста ба синф (синну сол) донистан ва истифода бурда тавонистани воситаҳои санъати тасвирӣ ва меҳнат (қалам, мӯқалам, ранги обӣ, қайчӣ, сӯзан ва ғ...)

**<u>Эҷод:</u>** вобаста ба синф (синну сол) эҷод карда тавонистани ғояҳои нав ва шарҳ дода тавонистани он.

**<u>Арзёбӣ:</u>** вобаста ба синф (синну сол) шарҳ дода тавонистани муносибати худ нисбат ба намудҳои санъат, арзёбӣ карда тавонистани намунаҳои санъат, кори худ ва дигарон.

**Намунаҳои арзёбӣ**




Вобаста ба синф (синну сол) донистан ва истифода бурда тавонистани воситаҳои санъати тасвирӣ ва меҳнат (қалам, мӯқалам, ранги обӣ, қайчӣ, сӯзан ва ғ...).

Ин самт бештар ба дуруст истифода бурда тавонистани воситаҳои санъат ва меҳнат инчунин, донистан дар бораи вазифаи онҳо равона шудааст.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:
**<u>Усули “Супориш”.</u>** Хонанда супоришҳои гуногунро мустақилона иҷро менамояд.
*Масалан*:

- Расми кӯзаро бо қалами оддӣ тасвир намоед.
- Аз қоғаз бо усули қаткунӣ (оригами) қуттича созед.
- Бо ранги обӣ ва мӯқалам баргҳои дарахтонро ранг кунед ва ғ...

**<u>Усули “Тест”.</u>** Хонанда ба саволҳо ҷавоби хаттӣ медиҳад.
*Масалан*:

1. Дар санъати тасвирӣ кадом гурӯҳи рангҳо асосӣ ҳисобида мешаванд?

а) сурх, сафед, сиёҳ;
б) кабуд, сурх, зард;
в) сабз, зард, хокистарранг.

2. Воситаҳое, ки бо он рассом кор мекунад, интихоб намоед:

а) арра, табар, бел.
б) қалам, ранги обӣ, мӯқалам.

3. Агар рангҳои зеринро бо ҳам омехта кунем, кадом рангҳо ҳосил мешаванд? (Ҷавобашро нависед):

Сурх + кабуд =____________________
Кабуд + зард =____________________
Сурх + зард =_____________________

**Усули "Шифоҳӣ".** Хонанда ба саволҳои омӯзгор шифоҳӣ ҷавоб медиҳад.
Масалан, омӯзгор ашёҳоро нишон дода, аз хонанда ном ва вазифаи онҳоро мепурсад.




Вобаста ба синф (синну сол) эҷод карда тавонистани ғояҳои нав ва шарҳ дода тавонистани он.

Ин самт бештар ба эҷод карда тавонистани ғояҳои нав инчунин, шарҳ дода тавонистани он равона шудааст, на ба дуруст истифода бурда тавонистани воситаҳои санъат ва меҳнат. Дар ин ҷо муҳим эҷод ва кашф карда тавонистани ғояҳои нав мебошад.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:
**Усули "Расм, ё амал аз рӯйи мавзӯъ..."** Хонанда аз рӯйи мавзӯъ ягон чиз эҷод менамояд (тасвир мекунад, месозад, медӯзад...).
Масалан:

1. Дар мавзӯи сулҳ аз тахайюлоти худ расм тасвир намоед;
2. Дар мавзӯи сулҳ аз тахайюлоти худ ягон чиз созед, омода намоед.

**Усули "Нақл аз рӯйи мазмуни расм".** Хонанда аз рӯйи мазмуни расм ва тасаввуроти худ ягон нақл, ё афсона эҷод менамояд.
Масалан:

1. Аз рӯйи мазмуни ин расм нақл эҷод намоед.
2. Ба ин расм нигоҳ карда, афсона эҷод намоед.




Вобаста ба синф (синну сол) шарҳ дода тавонистани муносибати худ нисбат ба намунаҳои санъат, арзёбӣ карда тавонистани намунаҳои санъат, кори худ ва дигарон.

Ин самт бештар ба қобилияти арзёбӣ карда тавонистан, инчунин шарҳ дода тавонистани муносибати худ нисбат ба он равона карда шудааст.

Барои арзёбӣ намудани ин самт чунин усулҳоро истифода бурдан мумкин аст:
**Усули "Арзёбӣ намудани кори худ".** Хонанда ба натиҷаи кори худ баҳо медиҳад, камбудиҳову бартариҳои худро ёфта, онро мегӯяд.

Масалан, хонанда ягон расм тасвир менамояд, ё ашё месозад, омода менамояд. Омӯзгор супориш медиҳад, ки хонанда ба кори худ баҳо диҳад ва онро шарҳ диҳад, сабабашро фаҳмонад, камбудиву бартариҳои худро ёбад.

**Усули "Арзёбӣ намудани кори дигарон".** Хонанда ба натиҷаи кори дигарон, намунаҳои санъати тасвирӣ, меҳнат баҳо медиҳад, муносибати худро нисбат ба он шарҳ медиҳад.

Масалан, хонанда кори ҳамсинфашро ё ягон намунаи санъати тасвириро мушоҳида карда, онро таҳлил менамояд ва камбудиву бартариҳои онро меёбад. Муносибати худро нисбат ба он шарҳ медиҳад, яъне мегӯяд, ки ба вай писанд омад, ё не ва сабабаш дар чист.

**Талабот ба гузарондани санҷиш:**

- санҷиш бо мақсади ташаккул додани хонанда гузаронида шавад, на барои маҳдуд намудани ӯ
- саволҳои тест дар доираи муайян намудани рушди салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо бошад;
- супоришҳо танҳо маводи омӯхтаи фанро дар бар гиранд;
- тарзи ифодаи саволҳо ба талабаҳо фаҳмо ва дастрас бошанд.

| |
|---|
| Ин фан бештар бо мақсади ташаккул додани ҳисси зебоипарстӣ ва бедор кардани шавқи эҷодкорӣ равона карда шудааст ва дар арзёбӣ намудан ҳам, ин мақсадҳо бояд чун замина барои таҳия намудани саволу супоришҳо қабул карда шаванд. |

### 4.5. Арзёбии салоҳиятҳои фанни "Тарбияи ҷисмонӣ"

Арзёбӣ дар раванди дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ мувофиқи меъёрҳои мушаххас ба роҳ монда мешавад. Дар поён якчанд намунаи воситаҳои арзёбӣ бо нишондоди меъёрҳо оварда мешаванд. Инчунин барои мушаххас ва дақиқ арзёби кардани салоҳиятнокии хонандагон дар стандарт барои ҳар як салоҳият нишондиҳандаҳо оварда мешаванд.

**Арзёбии давидан ба мавофаи 30 м.**

Давидан ба масофаи 30 метр: писарон 6,4 сон. ва духтарон 6,8 сон. иҷро намоянд.

- Таҷҳизоти зарурӣ (сониясанч, байрақча)-ро омода намоед.
- Хонандагонро ба мавзеи давидан даъват намуда, ба онхо мақсади санҷишро фаҳмонед ва боварӣ ҳосил намоед, ки онҳо сару либоси мувофиқ доранд.
- Талаботи бехатариро фаҳмонед.
- Тарзи иҷрои санҷишро ба хонандагон фаҳмонед.
- Хонандагон бонавбат медаванд, шумо натиҷаи дави хонандагонро дар ҷадвал қайд кунед.

**Арзёбии ҷаҳидан ба баландӣ:**

Ҷаҳидан ба баландӣ: 0,70 м. писарон ва 0,60 м. духтарон.

- Таҷҳизоти зарурӣ (метр, байрақча, чуррак) омода намоед.
- Хонандагонро ба мавзеи ҷаҳидан даъват намуда, ба онҳо мақсади санҷишро фаҳмонед ва боварӣ ҳосил намоед, ки онҳо сару либоси мувофиқ доранд.
- Талаботи бехатариро фаҳмонед.
- Тарзи иҷрои санҷишро ба хонандагон фаҳмонед.
- Хонандагон бо навбат меҷаҳанд, шумо натиҷаҳоро дар ҷадвал қайд кунед.

**Арзёбии ҷаҳидан ба баландӣ:**

Ҳаво додани тӯби хурд ба масофаи 18 м. писарон ва 15 м. духтарон.

- Таҷҳизоти зарурӣ (тӯби хурд, метр, байрақча, чуррак) омода намоед.
- Хонандагонро ба мавзеи ҳаво додани тӯби хурд даъват намуда, ба онҳо мақсади санҷишро фаҳмонед ва боварӣ ҳосил намоед, ки онҳо сару либоси мувофиқ доранд.
- Талаботи бехатариро фаҳмонед.
- Тарзи иҷрои санҷишро ба хонандагон фаҳмонед.
- Хонандагон бо навбат тӯби хурдро ҳаво медиҳанд, шумо натиҷаҳоро дар ҷалвал қайд кунед.

### 4.5.1. Меъёрҳои таълимии тарбияи ҷисмонӣ синфҳои 1 - 4

**Меъёрҳои таълимӣ барои синфи 1**

**Ҷадвали** № 1.

| Т/р | Намуди машқ | меъёр | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | писарон | | | духтарон | | |
| | | «5» | «4» | «3» | «5» | «4» | «3» |
| 1. | Дави 30 м., в.с. | 6,4 | 7,0 | 7,4 | 6,8 | 7,4 | 7,8 |
| 2. | Бо дав ба дарозӣ ҷаҳидан м., см.). | 1,80 | 1,60 | 1,40 | 1,60 | 1,40 | 1,20 |
| 3. | Бо дав ба баландӣ ҷаҳидан м. см | 0,70 | 0,60 | 0,50 | 0,60 | 0,50 | 0,40 |
| 4. | Ҳаводиҳии тӯби (150г.) ба дурӣм. | 18 | 15 | 13 | 15 | 13 | 12 |
| 5. | Овезоншаӣ дар турники баланд (маротиба). | 2 | 1 | 1 | | | |
| 6. | Бардоштани бадан аз ҳолати ба тахтапушт хобида, дастҳо аз пушти сар(маротиба). | | | | 6 | 3 | 2 |
| 7. | Кашидан дар турники паст (маротиба). | | | | 7 | 5 | 3 |
| 8. | Пойга 500м. | Бе назардошти вақт | | | | | |
| 9. | Шиноварӣ 25 (м.). | Бе беназардошти вақт | | | | | |

**Меъёрҳои таълимӣ барои синфи 2**

**Ҷадвали** № 2.

| Т/р | Намуди машқ | Меъёр | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | писарон | | | духтарон | | |
| | | «5» | «4» | «3» | «5» | «4» | «3» |
| 1. | Дави 30 м., в.с. | 6,2 | 6,6 | 7,0 | 6,3 | 6,7 | 7,3 |
| 2. | Бо дав ба дарозӣ ҷаҳидан м., см.). | 2,00 | 1,80 | 1,60 | 1,80 | 1,60 | 1,50 |
| 3. | Бо дав ба баландӣ ҷаҳидан м. см | 0,75 | 0,70 | 0,60 | 0,70 | 0,65 | 0,55 |
| 4. | Ҳаводиҳии тӯби (150г.) ба дурӣм. | 20 | 18 | 15 | 18 | 16 | 14 |
| 5. | Овезоншаӣ дар турники баланд (маротиба). | 3 | 2 | 1 | | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 6. | Бардоштани бадан аз ҳолати ба тахтапушт хобида, дастҳо аз пушти сар(маротиба). | | | | 7 | 4 | 3 |
| 7. | Кашидан дар турники паст(маротиба). | | | | 8 | 6 | 4 |
| 8. | Пойга 1000(м,см) | 5,10 | 5,20 | 5,30 | 5,50 | 6,00 | 6,10 |
| 9. | Шиноварӣ 25 (м.). | Бе назардошти вақт | | | | | |

## Меъёрҳои таълимӣ барои синфи 3

**Ҷадвали** № 3.

| Намудҳои машқ | Меъёрҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Писарон | | | Духтарон | | |
| | 5 | 4 | 3 | 5 | 4 | 3 |
| Давидан 30 м в/с | 6,0 | 6,2 | 6,4 | 6,2 | 6,5 | 7,2 |
| Ҷаҳидан ба дарозӣ бо давида омадан (м см) | 2,50 | 2,40 | 2,20 | 2,40 | 2,20 | 2,00 |
| Ҷаҳидан ба баландӣ бо давида омадан (м см) | 0,80 | 0,75 | 0,60 | 0,75 | 0,60 | 0,55 |
| Ҳаво додани тӯб (вазн 150г). Ба дурӣ (м см) | 23 | 20 | 18 | 20 | 18 | 15 |
| Худро боло кашидан аз ҳолати овезон дар турники баланд (маротиба) | 5 | 3 | 2 | | | |
| Бардоштани бадан аз ҳолати хобида дар рӯйи фарш (маротиба). | | | | 9 | 6 | 4 |
| Худро боло кашидан аз ҳолати овезон дар дастаки паст хобида (маротиба) | | | | 10 | 8 | 6 |
| Пойга 1000 м | 5,0 | 5,10 | 5,20 | 5,40 | 5,50 | 6,00 |
| Шиноварӣ 25м | Бе назардошти вақт | | | | | |

## Меъёрҳои таълимӣ барои синфи 4

**Ҷадвали** № 4.

| Намудҳои машқ | Меъёрҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Писарон | | | Духтарон | | |
| | 5 | 4 | 3 | 5 | 4 | 3 |
| Давидан 30 м в/с | 10,8 | 11,2 | 11,9 | 11,0 | 11,2 | 11,8 |
| Ҷаҳидан ба дарозӣ бо давида омадан | 2,80 | 2,60 | 2,20 | 2,50 | 2,20 | 1,60 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| (м см) | | | | | | |
| Ҷаҳидан ба баландӣ бо давида омадан (м см) | 0,95 | 0,90 | 0,80 | 0,90 | 0,85 | 0,75 |
| Ҳаво додани тӯб (вазн 150г). Ба дурӣ (м см) | 26 | 24 | 20 | 16 | 15 | 12 |
| Худро боло кашидан аз ҳолати овезон дар турники баланд (маротиба) | 6 | 4 | 3 | | | |
| Бардоштани бадан аз ҳолати хобида дар рӯйи фарш (маротиба). | | | | 10 | 7 | 5 |
| Худро боло кашидан аз ҳолати овезон дар дастаки паст хобида (маротиба) | | | | 12 | 9 | 7 |
| Пойга 1000 м | 4,50 | 5,00 | 5,10 | 5,30 | 5,40 | 5,50 |
| Шиноварӣ 25м | Бе назардошти вақт | | | | | |

**4.6. Арзёбии салоҳиятҳои хонандагон аз фанни “Математика”**

Арзёбии салоҳиятҳо аз фанни математика дар ҳар дарс (арзёбии ташаккулдиҳанда), рейтингҳо ва нимсолаю солона ба мақсади баҳодиҳии дастовардҳои таълимии хонандагон (салоҳиятҳо) гузаронда мешавад.

Дар синфҳои 1–4 натиҷаи фаъолияти таълимии хонандагон дар асоси низоми нави салоҳиятнокӣ вобаста ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагон то баҳои 5, баҳогузорӣ карда мешавад, аммо новабаста аз гузариш ба шакли дигари баҳогузорӣ (10 ё 100 бала) принсипи баҳогузорӣ, ки сатҳи ниҳоии ташаккули салоҳиятҳои ҳар як хонандаро дар бар мегирад, боқӣ мемонад. Бинобар ин барои донистани салоҳиятҳои фанни математика равандҳои зеринро донистан муҳим аст.

**Донистани ададҳо ва рамзҳои математикӣ**

**Меъёрҳои арзёбӣ:**

- ададҳоро аз 1 то 1 000 000 мехонад, менависад ва муқоиса мекунад;
- разрядҳои воҳид, даҳӣ, садӣ, ҳазорро муайян карда метавонад;
- як қатор рамзҳои математикӣ (+; -; x; =) ва маънои онҳоро муайян ва дар амалҳо истифодаи карда метавонад.

**Донистани амалҳои арифметикӣ ва ҳалли масъала**

**Меъёрҳои арзёбӣ:**

- ададҳои яклухтро дар доираи 1000000 ҷамъ, тарҳ карда, масъалаҳои як-ду амалаи матнӣ ва ададиро ҳал карда метавонад;
- ададҳои яклухтро дар доираи 1000000 зарб ва тақсим карда, масъалаҳои як-ду амалаи матнӣ ва ададиро ҳал карда метавонад;
- стратегияҳои зеҳниро дар амалҳои одии ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим истифода карда метавонад;
- муодилаҳои одиро бо ададҳои номаълум ҳал карда метавонад.

**Маводи геометрӣ**

**Меъёрҳои арзёбӣ:**

- як қатор намудҳои хат ва шаклҳои дученака ва сеченакаро муайян ва тасвир карда, андозаҳои онҳоро ҳисоб карда метавонад;
- барои тасвири ҳаракат ва мавқеъ аз истилоҳоти гуногун истифода карда метавонад.

**Бузургиҳо**

**Меъёрҳои арзёбӣ:**

- масъалаҳои одии пулиро ҳал карда метавонад;
- ҳангоми ҳисоби ченакҳои дарозӣ, масса, масоҳат ва вақт аз истилоҳоти одӣ истифода карда метавонад;
- дар асоси вақти дастрасбуда қарорҳои одиро қабул карда метавонад.

**Коркарди маълумот**

**Меъёрҳои арзёбӣ:**

- маълумотро бо роҳи сода ҷамъ ё сабт карда, хулосаи одӣ бароварда метавонад

**4.6.1. Санҷиши хонандагон дар дарс.**

Дар ҳар дарс санҷиши хонандагон бо мақсади муайян кардани дастовардҳои мушаххас гузаронида мешавад. Чунин намуди санҷиш ҷиҳатҳои тарбиявӣ ва ҳавасмандии хонандагонро ба эътибор гирифта, барои ташаккули дурусти худбаҳодиҳии хонанда ва барои ба назар гирифтани хусусиятҳои фардӣ шароит фароҳам меорад.

Ҳангоми санҷиши дастовардҳои хонандагон дар ҳар дарс омӯзгор ба сифати нишондодҳои асосии зерини таълим такя менамояд:

- сифатнок аз худ намудан, дарки мавод ва дараҷаи ташаккули салоҳиятҳои пешбинишуда;
- ҷалби хонанда ба фаъолияти корҳои эҷодӣ;
- ҳавасмандӣ барои иҷрои супоришҳои дараҷаи душвориаш гуногун;

Баҳо ҳангоми санҷиши хонандагон дар ҳар як дарс барои фаъолиятҳои алоҳида, ба тамоми кори дар синф, ба фаъолияти кори гурӯҳии иҷрошуда гузошта мешавад.

Ҳангоми санҷиши хонандагон дар ҳар дарс чунин шакл ва воситаҳо истифода мешаванд:

**Шифоҳӣ:**

*Пурсиши шифоҳӣ (ҷавоб ба саволҳои пешниҳодшуда, таҳлили одии масъалаҳои шунида, таҳлили ҷадвалҳо, ҳисобкуниҳо аз рӯи расмҳо ва ашёҳо, таҳлили корҳои амалӣ ва ғайра).*

**Хаттӣ:**

*Пурсиши хаттӣ (викторинаи математикӣ, кроссворди математикӣ, супоришҳои тестӣ, иҷрои масъалаҳое, ки хусусияти эҷодӣ доранд, супоришҳои ҷадвалӣ, супоришҳои графикӣ, корҳои мустақилона ва ғайра).*

### 4.6.2. Санҷиши солона

Барои муайян намудани дараҷаи ба даст овардаи салоҳияти хонанда дар давоми сол санҷиш гузаронида мешавад. Баҳои солона дар асоси баҳои дар ду нимсола гирифташуда, бо назардошти дастовардҳои фардии хонанда ва аз рӯйи ҳади ниҳоии холи гирифтааш гузошта мешавад.

***Талабот ба гузарондани санҷиш:***

- саволҳои пурсишнома дар доираи муайян намудани рушди салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо бошад;
- супоришҳо танҳо маводи омӯхтаи фанро фаро гиранд;
- тарзи ифодаи саволҳо ба хонандагон фаҳмо ва дастрас бошад;
- пурсишнома мунтазам гузаронида шавад, то ки хонандагон ба талаботи он одат кунанд.

Ба мақсади ташкили раванди самараноки таълими фанни «Матетматика» дар синфҳои ибтидоӣ дар поён якчанд намунаи усул ва методҳои таълим пешкаши шумо гардонда мешавад. Мувофиқи мақсад ва натиҷаҳои таълими дарс шумо метавонед онҳоро мутобиқ сохта, истифода баред.

### 4.6.3. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ҳангоми ҳалли мисолҳо.

Ҳангоми ҳалли мисолҳо асосан арзёбии ташаккулдиҳанда дар гузоштани масъала ва саволҳо пеш аз ҳалли мисолҳо, ҳангоми ҳалли мисолҳо ва баъд аз ҳалли мисолҳо зоҳир мегардад. Тавсия дода мешавад, ки масъалаву саволҳо барои пеш аз ҳалли мисолҳо ба омода сохтани хонандагон ва бедор кардани ҳаваси онҳо ба ҳалли мисолҳо равона карда шаванд. Масъалаву саволҳо ҳангоми ҳалли мисолҳо ба муайян намудани мазмуни асосии мисол, таҳлили мисол равона мегарданд. Масъалаву саволҳои баъд аз ҳалли мисолҳо ба таҳлили мисол равона мегарданд.

Биёед, дар асоси як мисол ин се марҳиларо таҳлил мекунем:

**Саволҳо пеш аз ҳалли мисол:**

- Шумо дар бораи ин мисол чӣ медонед? Мисол ба кадом намуди супориш тааллуқ дорад?
- Кадом малакаҳои пешинаро истифода мебаред?
- Ба фикри Шумо, барои иҷрои он кадом амалҳоро амалӣ кардан лозим?

**Масъала барои ҳалли мисол:**

Мисолро ҳал кунед ва ҷадвали зеринро пурра созед.

| **Нишондиҳандаҳо** | **Ҷавобҳо** |
|---|---|
| Сохти мисол | |
| Намуди мисол | |
| Талаботи мисол | |
| Амалҳои ҳалли мисол | |

| | |
|---|---|
| Тарзи ҳалли мисол | |
| Таҳлили ҳалли мисол | |

Супориши 1. Хосиятҳои ҷамъро истифода бурда, суммаро ҳисоб кунед.

Намуна:

20 + 9 + 40 = (20 + 40) + 9 = 60 + 9 = 69

7 + 20 + 3 + 70 = (20 + 70) + (7 + 3) = 90 + 10 = 100

Супоришҳои оянда ҳалли масъалаҳои сода доир ба хосиятҳои ҷамъ шуданаш мумкин аст.

**Арзёбӣ.** Барои санҷидани дониш, малака ва маҳорати (салоҳияти) хонандагон ба онҳо супориши хаттӣ пешниҳод намоед.

Намуна: 7 + 9 + 3 + 1 40 + 30 + 6 + 4

(7 + 3) + (9 + 1) 50 + 5 + 25 – 50

16 + 8 + 2 + 4 4 + 6 + 17 + 3

(16 + 4) + (8 + 2) 3 + 7 + 7 + 4

Сипас, кори хонандагонро санҷед ва оид ба инкишофи ҳар як хонанда хулоса бароред. Натиҷаи арзёбиро ба хонандагон пешниҳод кунед.

**Муҳокимаронӣ баъд аз ҳаллӣ мисол:**

- Сохти мисол чӣ гуна аст? Дар бораи шакли мисол чӣ гуфта метавонед?
- Талаботҳои мисол кадомҳоянд ? Аз ҳалли мисол барои тақвият додани фикратон мисолҳо оред.
- Амалҳои асосии ҳалли мисолро гӯед. Чаро чунин мешуморед?
- Таҳлили ҳалли мисолро дар чӣ мебинед? Дунафара як ақидаро пешниҳод кунед.

**Саволу масъалаҳо барои худбаҳодиҳӣ:**

- Ба Шумо ҳаллӣ мисол маъқул шуд ё не? Чаро?
- Барои пурра ҳал кардани мисол ба Шумо чӣ/кӣ ёрӣ расонд?
- Аз ҳаллӣ мисол ба худ чӣ гирифтед?

### 4.6.4. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳангоми ҳалли масъалаҳои матнӣ

Таълими ҳалли масъалҳо таҳлилу арзёбиро талаб мекунад. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро ҳангоми муаррифӣ (пешниҳод) машқ ва ҳалли масъалҳо метавон истифода бурд.

Дар зинаи муаррифии масъала тавассути саволҳо хонандагонро ба фикр кардан водор намуда, онҳоро ба таҳлили амиқи масъала равона кард.

Ҳагоми ҳалли масъалаи дилхоҳ чунин рафтор кардан лозим аст. Шарти онро хонда, муҳокима намуда шарт ва талаботи онро муайн намудан лозим аст. Зинаҳои ҳалли масъаларо пай дар пай гузаштан лозим аст:

– дарк намудан ва таҳлили матни масъала;
– ҷустуҷӯй ва тартиб додани нақшаи ҳалли масъала;
– иҷроиши нақшаи ҳал ва навиштани ҳал;
– санҷиши ҳал ва бартараф намудани ғалатҳо.

Инчунин тарзҳои ҳалли онро мувофиқ кардан лозим аст.

Масалан, ба хонандагон чунин масъала пешниҳод кунед:

Дар як сабад 28 кг нок, дар сабади дигар ду маротиба зиёд нок аст. Ҳамагӣ дар ду сабад чанд килограмм нок аст?

Барои пурсамар гузаштани ҷараёни ҳал масъаларо дунафарӣ ҳал кунанд.

***Зинаи аввал.***

Баъди ҷамъ овардани фикри хонандагон оид ба масъалаи дар боло овардашуда, барои дарккунӣ ба онҳо саволҳо пешниҳод кунед. Барои таҳлили амиқтари масъала, ба дониши пешинаи онҳо такя намоед:

Чӣ қадар нок буд?
Чӣ қадар нок шуд?
Чӣ қадар илова карданд ?
Нок чӣ қадар зиёд шуд?

28 . 2 = 56 (дар сабади дуюм 56 кг, нок шуд)
56 + 28 = 84 (Ҳамагӣ 84 кг, нок аст).
Зинаи дуюм.

Барои таҳлили масъалаи боло савол таҳия кунед. Масалан:
– Барои чӣ Шумо ба ин ақида омадед? Чӣ Шуморо ба он водор кард?
– Аз куҷо ба ин савол ҷавоб ёфтед? Кӣ ба Шумо ёрӣ расонд?

Ин навъи муносибат ба хонандагон имкон медиҳад, ки раванди омӯзишро муайян кунанд ва барои таълим гирифтан масъулият ҳис кунанд. Барои зинаҳои дигари таълими ҳалли масъалаву саволҳо вобаста ба дараҷаҳои таксономияи қобилиятҳои маърифатӣ таҳия намоед.

**4.6.5. Арзёбӣ ва баҳодиҳии салоҳиятҳои ададҳои арифметикӣ**

Усули мазкур бо мақсади чен кардани порча, ёфтани дарозии хати шикаста, муқоиса кардани хатҳо, хати рост, порча, хати каҷ, хати шикаста, муайян кардани фарқи хати рост ва хати шикаста, тасвир кардани хати рост ва хати шикаста, кашидани хати рост ва хати шикаста истифода мешавад.

Омӯзгор расми пешакӣ тайёркардаашро дар тахтаи синф овехта, бо ҳамроҳии хонандагон ёфтани дарозии хати шикастаро бо ёрии саволу ҷавоб шарҳ медиҳад:




Фариза аз хона то мактаб бо роҳи якум чанд метр масофаро тай кард? (81 м.) Инро чӣ тавр ёфтед? (Дарозии қисмҳои роҳро ҷамъ кардем: 23м + 31м + 27м) Хате, ки Фариза бо он ҳаракат кард, чӣ гуна хат аст? (Хати шикаста.) Аз мактаб то ба хона ӯ бо роҳи дуюм рафт. Вай чанд метр роҳро тай кард? (100м) Чӣ тавр ёфтед? (ададҳои 38м, 13м, 17м, 32м – ро ҷамъ кардем.) Хате, ки бо он Фариза аз мактаб ба хона баргашт чӣ ном дорад? (Хати шикаста.) Барои чӣ Фариза ҳангоми аз хона ба мактаб рафтан ва омадан дарозиҳои гуногунро тай кард? (Барои он, ки Фариза бо роҳҳои гуногун ҳаракат кард). Чунки хатҳои шикаста гуногун буданд. Боз ба хонандагон супориш диҳед, ки Фариза оё бо роҳи дигар ба хона омада метавонад? Агар омада тавонад бо кадом роҳ ҳаракат мекунад? (Ин хати рост аст). Ба Фариза бо кадом роҳ рафтан осон буд?

Сипас, ба хонандагон машқҳои гуногун барои ёфтани дарозии хати шикаста аз рӯйи расмҳо пешниҳод карда мешавад ва онҳоро бо периметри бисёркунҷа (суммаи тарафҳо) шинос мекунем.

Хонандагон амалан ёфтани периметри бисёркунҷаҳо (секунҷа, чоркунҷа, панҷкунҷа ва ғайраҳоро) ва баъдтар росткунҷа (квадрат)-ро ёд мегиранд.

**Тавсияҳо.**

Пас аз ба охир расидани кор бо расм омӯзгор метавонад ба хонандагон супориш диҳад, ки машқҳои амалиро бо ёфтани периметро болои дафтар, фарши синфхона, даҳлез ва ғайраҳо иҷро намоянд.

### 4.6.6. Арзёбӣ ва баҳодиҳии салоҳиятҳои ҳалли муодилаҳои дуамала

Барои ҳалли муодилаҳо ба хонандагон чунин тарзи арзёбиро гузаронидан мумкин аст. Тарзи мазкур барои ёфтани ҷамъшавандаи номаълум, ёфтани тарҳшавандаи номаълум, ёфтани тарҳкунандаи номаълум, ёфтани ҳамзарбии номаълум, ёфтани тақсимшавандаи номаълум ва ёфтани тақсимкунадаи номаълум истифода мешавад. Ба хонандагон вараќаҳои фардӣ супорида мешавад. Сонӣ иҷрои фаъолияти кори фардӣ ду нафарӣ бо ҳамдигар вараќаҳои ҳамдигарро таҳлил мекунанд.



Ному насаб

Муодиларо ҳал кунед:

$(x - 97) - 37 = 85$

Натиҷа:

Маслиҳати муаллим: ...............................................

..........................................................................................

..........................................................................................

*«Ёддошт»*

| Қадамҳо |
|---|
| **Қадами 1.** Муодиларо хон. |
| **Қадами 2.**Ҷузъҳои муодиларо ёб. |
| **Қадами 3.** Чӣ гуна муодила аст: якамала ё дуамала? |
| **Қадами 4.** Исбот кунед, ки муодила дуамала аст. |
| **Қадами 5.** Онро ба муодилаи якамала баргардон. Барои ин ба ҳосили тарҳ тарҳкунандаро ҷамъ кардан лозим аст. |
| **Қадами 6.** Муайян кун, ки чӣ номаълум аст (тарҳшаванда ё тарҳкунанда)? |
| **Қадами 7.** Ба ёд ор, ки барои ёфтани тарҳшаванда кадом амалро бояд иҷро намуд? |
| **Қадами 8** Бисанҷ (Ба ҷойи **х** адади ҳосилшударо гузор ва амалро иҷро кун). |

## Замимаҳо

### Замимаи 1. Мақола оид ба тест[1]

**Тест чист?** Тест - ин масъалаи стандартишуда, ки натиҷаи он ба арзёбии дониш, малака ва маҳоратҳои хонандагон нигаронида шудааст.

Усули гузаронидани тест тақозои замон буда, дар системаи маорифи мо солҳои охир ворид шуда истодааст.

Мақсади тест танҳо аз назорат ва баҳогузорӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон нест. Он барои ташхиси ҳолат ва мушкилоти кори хонандагон бо маводи таълим дар ҳар як марҳилаи азхудкунӣ: донистани мафҳумҳо, қонуниятҳо ва малакаҳое, ки истифода мешаванд иборат аст.

Тестҳо барои кори инфиродию нишон додани мустақилияти хонандагон имконият фароҳам оварда, ба худназоратии онҳо дар ҷараёни таълим мусоидат менамояд.

Санҷиши тестиро дар ҳамаи лаҳзаи дарс истифода бурдан мумкин аст. Мисол, гузаронидани *тести ибтидоӣ* — гирифтани маълумот доир ба сатҳи мавҷудаи дониши хонандагон; *тести ҷорӣ* — барои бартараф кардани норасоиҳо ва такмили донишу маҳоратҳо; *тести ҷамъбастӣ* — басистемадарорӣ, ҷамъбасти маводи таълим, санҷиши дониш, малака ва маҳорати бадастомада.

Таҳияи тест аз рӯйи меъёрҳои зер сурат мегирад:

1. Илмӣ (Барои чӣ? Бо кадом мақсад?)
2. Эътимоднокӣ (то кадом андоза натиҷаҳои бадастомада боварибахш буда, тасодуфӣ нестанд).
3. Объективӣ (мазмуни масъалаҳои тест асоси илмӣ дошта, барои арзёбии ҳаққонии дониш, малака ва маҳоратҳо нигаронида шуда бошад).

**Навъҳои тест**

Ду навъи масъалаҳои тестӣ вуҷуд дорад – тестҳои навъи кушода ва пӯшида. Хусусияти фарққунандаи масъалаҳои тести навъи кушода (пурра намудани ҷавоб, ҷавоби озод) дар он аст, ки хонандагон ҳангоми иҷро он як ё якчанд калима (рақам, ҳарф, ибора, ҷумла) нависанд.

Навъҳои пӯшида (интихоби зиёди ҷавобҳои дуруст, мувофиқат, муайян кардани пайдарҳамӣ, ҷавобҳои ҷойгузин) бошад, намунаи зиёди ҷавобҳоро ба савол дар назар дорад: интихоби як ё якчанд ҷавоби дуруст, интихоби дуруст/нодурусти ҷавобҳо аз рӯйихат.

***Масъалаҳои тести навъи кушода:***

**П*урра намудани ҷавоб.*** Дар ин шакли тест хонандагон ба савол мустақилона ҷавоб дода метавонанд, аммо имконияти онҳо маҳдуд аст. Ин маҳдудият натиҷаи объективонаи баҳодиҳиро таъмин менамояд ва ба он таҳияи ҷавоб имкон медиҳад.

[1] Ташкили ҷараён таълим дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2010

Масъала барои ин шакли тест: *ба ҷойи нуқтаҳо танҳо як калима (ҳарф, ибора, ҷумла ва ғайра) нависед.* Мисол, аз забони модарӣ:

1. Ба ҷойи нуқтаҳо пешоянди мувофиқ гузоред.
Онҳо якҷоя … он сӯ давиданд (*ба ҷойи нуқтаҳо пешоянди мувофиқ гузор):*

а) бо
б) дар
в) ба
г) барои

***Ҷавоби озод.*** Вобаста ба моҳияти масъала хонандагон ҷавобҳоро озодона навишта метавонанд. Барои ҷавоб маҳдудият гузошта намешавад. Аммо супориш бояд тарзе баён гардад, ки танҳо як ҷавоби дурустро таъмин намояд.

Дастур барои ин шакли тест: *ҷумларо пурра намоед, ба ҷойи нуқтаҳо ҷавоби дурустро интихоб намоед (ибора, як ё якчанд ҷумла).* Масалан:

1. Ҷумларо пурра созед.
Исм он ҳиссаи нутқест, ки ________________ ашёро мефаҳмонад.
а) амалу ҳолат; б) аломат; в) ном.

Дар ин шакли тест хонандагон танҳо як ҷавоб (калима, ибора, ҷумла)-ро интихоб менамоянд ва он бояд духӯра набошад.
***Масъалаҳои тести навъи пӯшида:***
***1. Ҷавобҳои ҷойгузин.*** Ба ҳар як масъалаи ҷойгузин ду гунаи ҷавоб пешниҳод мешавад. Хонанда бояд аз он як ҷавобро интихоб намояд: «ҳа» ё «не», «дуруст» ё «нодуруст» ва ғайра.

Намуди супориш

Дастур барои ин шакли тест: *як ҷавоберо, ки дуруст мешуморед интихоб намоед.*

Масъалаҳои тести ҷойгузин дар бисёр ҳолатҳо барои муайян намудани сатҳи азхудкунии мафҳумҳои душвор, донистани ҷадвалҳо, диаграмма ва ғайра мувофиқанд. Хусусияти ин шакли тест аз он иборат аст, ки шарти он дар намуди тасдиқ таҳия мешаванд, чунки ба ҷавоб муносибати хонандаро мефаҳмонад, яъне розӣ ё зид будан.

| **Матни супориш (савол)** | **Ҷавоб** | |
|---|---|---|
| Ақидаи 1 | Ҳа | не |
| Ақидаи 2 | Ҳа | не |
| Ақидаи 3 | Ҳа | не |
| … | … | … |

Сатре, ки ҳамаи калимаҳо сифатанд муайян намо (ҷавобҳои дурусти «ҳа» ё «не»-ро дар *давра гир*):

| | | |
|---|---|---|
| Ҳа | не | хона, компютер, кабуд |

| | | |
|---|---|---|
| Ҳа | не | калон, дарахт, санг, ҳайвон |
| Ҳа | не | об, хок, ҳаво, абрнок |
| Ҳа | не | лойолуд, сард, нарм, ҳалим |
| Ҳа | не | ширин, себ, нок, шафтолу |

Ин шакли тест бештар барои муайян кардани сатҳи фаҳмиши хонанда тартиб дода мешавад. Он метавонад малакаю маҳорати кор кардан бо нақшаро инкишоф диҳад.

**2. *Интихоби зиёди ҷавобҳои дуруст*** бештари ҳолатҳо дар тести дастовардҳо истифода мешаванд. Ин шакли тест имконияти интихобро дар намудҳои гуногун дар назар дорад. Хонанда бояд аз намудҳои пешниҳодшуда як ҷавоби дурустро (дар бештари ҳолатҳо) интихоб намояд.

Дастур барои ин шакли тест: Ҳарф(ҳо) - еро интихоб намоед, ки ҷавобашон дуруст аст. Масалан:
Ақидаҳои дурустро интихоб кунед (дар давра гиред):

а. дар об на танҳо моддаҳои сахт, балки моеъ ва газҳо низ ҳал мешаванд;
б. дар оби баҳр намакҳои гуногун, газҳо ва дигар моддаҳо мавҷуданд;
в. оби минералӣ барои нӯшидан истифода намешавад;
г. обҳои заризаминие, ки дар он намак ва газҳои барои саломатии инсон фоидаовар ҳал шудаанд, обҳои минералӣ номида мешаванд.

***Мувофиқат***. Ба ин навъи тест супоришҳое дохил мешаванд, ки ду унсурро аз рӯйи тартиби ду сутун дар рӯйихат, тартиби қатор мувофиқ менамоянд. Мисолҳои зерин якчанд намуди пешниҳоди тестҳоро дар мувофиқат нишон медиҳад. Масалан:

Мувофиқатро муайян намоед (*бо исмҳои сутуни 1-ум ва сифатҳои сутуни 2-юм бо тирча ибораҳои мувофиқ соз):*

| **Сутуни 1** | **Сутуни 2** |
|---|---|
| Оби | Шавқовар |
| Бачаҳои | Баланд |
| Бозии | Доно |
| Кӯҳи | Соф |

Бартарии асосии ин навъи тест дар он зоҳир меёбад, ки ба дониш, малака ва маҳоратҳо мушаххас баҳо дода шавад.

**Дар хотир доред!**

Ҳангоми тартиб додани тест тартиби муайянро риоя намудан лозим аст:

1. *Муайян намудани мақсади санҷиши тестӣ:*
   - баҳодиҳии дониш оид ба мафҳумҳо, истилоҳҳо ва воқеаҳои махсус;
   - санҷиши маҳорати кушодани мафҳумҳо, муайян намудани мазмун ва ҳаҷм;
   - санҷиши дониш оид ба қонунҳо, назария, формулаи математикӣ ва малакаи тадбиқи он дар амал;
   - маҳорати ёфтани монандӣ ва фарқият;
   - маҳорати маводро ба таври графикӣ, схемавӣ ва бо реҷа нишон додан.

2. *Муайян намудани санҷиши тестӣ — <u>ибтидоӣ</u>, <u>ҷорӣ</u>, <u>ҷамъбастӣ</u>.*

*3. Интихоби шакли супориш, ки аз мазмун ва мақсади санҷиши тестӣ вобастагӣ дорад.*

4. *Унсури асосии супоришҳои тестӣ дастур, матни супориш ва калид* (дар дасти омӯзгор меистад) *ба шумор меравад.*

5. *Хусусиятҳои фаъолияти фардии хонандагонро дастур муайян менамояд*: барои иҷро фаҳмо ва дастрас бошад.

*6. Ҳангоми таҳияи супоришҳои тестӣ аз тавсияҳои зерин истифода намудан мумкин аст:*

- матни асосии супориш аз 8-10 калима зиёд набошад;
- ҳар тест як ақида, як фикрро баён намояд;
- супориш бояд кӯтоҳ, аниқ, фаҳмо бошад;
- шарти масъала набояд думаъно дошта бошад;
- масъалаҳо аз сода ба мураккаб ҷо ба ҷо гузошта шавад;
- ҳар як масъала ва ҷавоб он тавре таҳия шавад, ки ба он танҳо шахсони маводро азхудкарда ҷавоб дода тавонанд;
- масъалаҳо тарзе таҳия шаванд, ки ҷавобҳо тавассути фикрронӣ ба даст оянд ва ҷавобҳои нодуруст бештар хатоҳои маъмулии хонандагонро дарбар гиранд;
- ҷавобҳои дуруст бо тартиби тасодуфӣ ҷойгир бошанд;
- ҷавоби як савол аз ҷавоби саволҳои дигар вобаста набошад;
- ҷавобҳо бе маъно ва луқмапартоӣ надошта бошад.

*Тест бояд масъалаҳои аз рӯйи шакл, мазмун, мураккабӣ миқдоран гуногунро дошта бошад ва тамоми паҳлӯҳои мавзӯи санҷидашавандаро дар бар гирад.Вобаста ба душвории масъала вақти иҷрои ҳар супориш муайян мешавад.*

**Замимаи 2. Маҷмӯи тестҳо**

## ЗАБОНИ МОДАРӢ[2]

**1) Ҳарфҳои калону хурдро мувофиқ гузоред.**

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | Б | В | Г | Д | И | П | Ч | Е | Ғ |

*ч* *п* *г* *ғ*

а *в* *и* *д* б *е*

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад:*

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 0 | | 1 | | 2 | |

**2) Номи расмҳоро нависед.**







____________________ ____________________ ____________________

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад:*

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 0 | | 1 | | 2 | |

**3) Матнро хонед ва ба саволҳо ҷавоб гардонед.**

### Афлесун ва себ

Модар дар табақча себ ва афлесун овард. Парвина як афлесунро гирифта пурсид:

- Афлесун, чаро мағзи ту тилим-тилим аст?

---

[2] Иқтибос аз. Барномаи таълими босуръат. Арзёбии ҷобаҷогузорӣ барои зинаи якум. Хазинаи Кӯдакони СММ. Сентябри соли 2015

- Барои он ки ту маро танҳо нахӯрда, бо дигарон тақсим карда хӯрӣ.
Парвина себро пӯст карда, пурсид:
- Эй, себаки ширин, ман мебинам, ки ту яклухтӣ. Оё, метавонам худам танҳо туро бихӯрам? Себ ҷавоб дод:
- Не, ин барои он аст, ки ту маро яклухт ба дигарон диҳӣ.

**Саволҳо:**

**1. Дар табақча чӣ буд?**

А) анор ва себ ☐ В) шафтолу ва зардолу ☐

Б) себ ва афлесун ☐ Г) ангур ва себ ☐

**2. Афлесун ба Парвина чӣ ҷавоб дод?**

А) Маро танҳо нахӯрӣ ☐ В) Оби зиёд дорам ☐

Б) Маро танҳо хӯрӣ ☐ Г) Ман бомазаам ☐

**2. Себ ба Парвина чӣ ҷавоб дод?**

А) Маро ба замин гузорӣ ☐ В) Маро нахӯрӣ ☐

Б) Маро яклухт ба дигарон диҳӣ ☐ Г) Рангам сабз аст ☐

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*: | 0 | | 1 | | 2 | |

**2.1. Саволнома барои синфи 2 - Забон**

**1) Матнро хонед ва ба саволҳо ҷавоб гардонед.**

Хурсандии пиразан

Мунира ва Озода аз дарс меомаданд. Пиразане пеш-пеши онҳо мерафт. Ногаҳон аз дасти пиразан рӯймолчае афтод. Духтарон рӯймолчаро гирифтаанд. Дар рӯймолча дафтарча ва калидҳо буданд.

Духтарон давида рӯймолчаро ба пиразан доданд. Пиразан хурсанд шуда ба онҳо ташаккур гуфт.

**Саволҳо:**

**1. Мунира ва Озода аз куҷо меомаданд?**

А) аз хона ☐ В) аз бозор ☐

Б) аз дарс ☐ Г) аз пахтачинӣ ☐

**2. Пиразан чӣ гум кард?**

А) сумка ☐ В) гӯшвор ☐

Б) телефон ☐ Г) рӯймолча ☐

**3. Чаро пиразан хурсанд шуд?**

А) латифаро шунид ☐ В) рӯймолчаашро ёфт ☐

Б) наберагонашро дид ☐ Г) асояшро ёфт ☐

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*: | 0 | | 1 | | 2 | |

**2) Калимаҳоро ҷудо карда, ҷумларо нависед.**

Рустамдармайдончаимактаббозӣмекунад.

____________________________________________

________________________________________

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*: | 0 | | 1 | | 2 | |

**3) Калимаҳои ҳаммаъноро мувофиқ гузоред.**

| | |
|---|---|
| **офтоб** | **субҳ** |
| **рӯй** | **хуршед** |
| **ҷаҳон** | **чеҳра** |
| **саҳар** | **дунё** |

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*: | 0 | | 1 | | 2 | |

**3.1. Саволнома барои синфи 3 - Забон**

**1) Матнро хонед ва ба саволҳо ҷавоб гардонед.**

Рустам ва Шабнам дар хона бозӣ мекарданд. Ҳангоми бозӣ ногоҳ Рустам чойникро аз рӯйи миз афтонд. Дастаи чойник шикаст. Рустам ва Шабнам зиқ шуданд. Онҳо аз орд хамир карда дастаи чойникро часпонданд ва ба ҳеҷ кас нагуфта ба берун рафтанд. Модарашон ба хона даромад ва хост, ки чойникро ба ошхона барад. Аммо чойник аз дасташ афтода, тамоман шикаст.

**1. Рустам ва Шабнам дар хона чӣ кор мекарданд?**

А) дарс тайёр мекарданд ☐ В) бозӣ мекарданд ☐

Б) хӯрок мехӯрданд ☐ Г) хона меруфтанд ☐

**2. Рустаму Шабнам барои чӣ зиқ шуданд?**

А) хӯрок хунук буд ☐ В) вақти мактаб шуд ☐

Б) Рустам афтид ☐ Г) дастаи чойник шикаст ☐

**3. Чаро чойник аз дасти модар афтод?**

А) модар пешпо хӯрд ☐ В) чойник гарм буд ☐

Б) дастааш шикаста буд ☐ Г) гурба ӯро тарсонд ☐

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*: | 0 | | 1 | | 2 | |

**2) Дар бораи расм як ё ду ҷумла нависед.**



______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________

__________________________________________________________________

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*: | 0 | | 1 | | 2 | |

**3) Калимаҳоро дар сутуни мувофиқ нависед.**

| Мева | Ҳайвонот | Асбоби мактабӣ |
|---|---|---|
| **Мисол,** *олу* | | |

**Калимаҳо:** гов, қалам, себ, анор, сумка, гурба, дафтар, шафтолӯ, асп.

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*: | 0 | | 1 | | 2 | |

**3.1. Саволнома барои синфи 4**

**1) Матнро хонед ва ба саволҳо ҷавоб гардонед.**

Ману бародарам ба хонаи бобоям ба деҳа рафтем. Аз назди хонаи бобоям дарёчае мегузарад. Ману бародарам ба назди дарёча рафтанӣ шудем. Модарам моро таъкид кард, ки дар дарёча оббозӣ накунем. Мо ба суханони модарамон гӯш надода, дар дарёча оббозӣ кардем. Ногаҳон дар вақти оббозӣ ба пойи бародарам шишапорае халид. Пойи бародарам захмин шуд. Мо ба хонаи бобоям баргаштем. Модарам инро

дида моро сарзаниш кард. Ба пойи бародарам дору гузошта, онро бастанд.

**Саволҳо:**

**1. Бародарон дар куҷо буданд?**

| | | | |
|---|---|---|---|
| А) дар шаҳр | ☐ | В) дар бозор | ☐ |
| Б) дар мактаб | ☐ | Г) дар деҳа | ☐ |

**2. Модар ба писаронаш чӣ гуфт?**

| | | | |
|---|---|---|---|
| А) ба бозор нараванд | ☐ | В) ҳезум шикананд | ☐ |
| Б) дар дарёча оббозӣ накунанд | ☐ | Г) ба бобо ёрӣ расонанд | ☐ |

**3. Бо бародарӣ дуюм чӣ ҳодиса руй дод?**

| | | | |
|---|---|---|---|
| А) дасташро бурид | ☐ | В) афтид | ☐ |
| Б) пойшро бурид | ☐ | Г) либосашро гум кард | ☐ |

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*: | 0 | | 1 | | 2 | |

**2) Дар бораи оилаатон ду-се ҷумла нависед.**

_______________________________________________

_______________________________________________

_______________________________________________

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*: | 0 | | 1 | | 2 | |

**3) Дар ҷойҳои холӣ калимаҳои мувофиқ гузоред.**

А) Мактаби мо дар канори ____(1)____ ҷойгир аст.

Б) Ҳар саҳар пеш аз баромадани ____(2)____ модарам аз хоб мехезад ва ба мо субҳона тайёр мекунад.

В) Падарам ба мо ҳар бегоҳ ____(3)____ мехонад.

Г) Модарам ____(4)____ корхонаи калон аст.

Д) Дар як рӯз ду маротиба шӯстани ____(5)____ ба саломатӣ фоида дорад.

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | *афсона* | | деҳа | | офтоб | | дандон | | сардори |

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*: | 0 | | 1 | | 2 | |

# МАТЕМАТИКА

## Саволнома барои синфи 1 - Математика

### 1) Дар расмҳо чанд ашё аст, дар даврача нависед.









*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*:

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 0 | | 1 | | 2 | |

### 2) Шаклҳои геометриро бо номашон мувофиқ нависед.




Давра

Чоркунҷа

Секунҷа

1. ________________ 2. ______________ 3. __________________

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*:

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 0 | | 1 | | 2 | |

### 3) Мисолҳоро ҳал кунед.

6+5= ______ 14+5= _____

10-2= ______ 7-3= ______

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*:

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 0 | | 1 | | 2 | |

## 2.2. Саволнома барои синфи 2 Математика

### 1) Масъаларо ҳал намоед.

Модар ҳашт яхмоси қаймоқӣ ва чор яхмоси мевагӣ харида ба шаш нафар фарзандонаш тақсим кард. Ба ҳар фарзанд чанд яхмосӣ расид?

**Ҳал:**







*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*:

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 0 | | 1 | | 2 | |

### 2) Мисолҳоро ҳал кунед.

60+55= ______ 114+75= _____ 60:5= ______ 40*5= _____

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*:

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 0 | | 1 | | 2 | |

### 3) Дар чоркунҷаи мобайн аломати "калон", "хурд" ё "баробар" гузоред (< > =)



*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*: | 0 | | 1 | | 2 | |

**3.2. Саволнома барои синфи 3 - Математика**

**1) Масъалаҳоро ҳал намоед**

А. Дар боғи бобои Расур 120 дарахти себ, 30 дарахти шафтолӯ, 23 дарахти олуча ва 45 дарахти гелос мерӯяд. Дар боғи бобои Расул чанд дарахт мерӯяд?

**Ҳал:** ______________________________________________________________________

Б. Рустам соати 6:00 ба бозор 220 кило ангур овард. То соати 7:00 ӯ 34 кило ва то соати 11:00 боз 54 кило ангур фурӯхт. Тамоми ангурро то соати 15:00 фурӯхт. Рустам аз соати 11:00 то 15:00 чанд кило ангур фурӯхт?

**Ҳал:** ______________________________________________________________________

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*: | 0 | | 1 | | 2 | |

**2) Давраҳоро ба ҳиссаҳо ҷудо кунед.**

Аз чор як ҳисса    2/4    $\frac{5}{8}$

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*: | 0 | | 1 | | 2 | |

**3) Номи фигураҳоро нависед.**

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*: | 0 | | 1 | | 2 | |

## 3.2. Саволнома барои синфи 3 - Математика

### 1) Бо рақамҳо нависед.

А) Се ҳазору дусаду чордаҳ ____________________

Б) Ҳашт ҳазору нӯҳсаду се ____________________

В) Дувоздаҳ ҳазору шашсаду ҳаждаҳ ____________________

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*: | 0 | | | 1 | | | 2 | |

### 2) Иваз кунед.

А) 9 м 95 см = ___________ см; В) 9 дм + 7 см = ________ см;

Б) 365 дм = ________ м ________ дм; Г) 964 мм = ________ см ________ мм.

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*: | 0 | | | 1 | | | 2 | |

### 3) Муодилаҳоро ҳал кунед.

А) 444 : x = 4 Б) 1000 – x = 234 В) x : 9 = 117

*Ин қисм аз тарафи санҷишгар пур карда мешавад*: | 0 | | | 1 | | | 2 | |

**Замимаи 3. Матнҳо**

**Чаро баргҳо зард мешаванд?**

Баҳорон барг сабз аст. Лекин чаро дар тирамоҳ баргҳо зарду сурх ва бунафш мешаванд?

Дар таркиби баргҳо доначаҳои зарди хурд-хурде ҳастанд, ки ранг доранд: сабз, зард, сурх. Ин доначаҳо зуд-зуд вайрон шуда, боз аз нав барқарор мегарданд. Дар тобистон доначаҳои сабз зуд ва осон барқарор мешаванд, бинобар ин баргҳо тару тоза, сабз мешаванд. Ранги бар тағйир намеёбад, чунки донаҳои сабз онро нигоҳ медоранд.

Рӯзҳо кӯтоҳ мешаванд. Рӯшноӣ торафт кам мегардад. Доначаҳои сабз мисли тобистони зудгузар барбод раванд, ҳам тухми нави онҳо суст инкишоф меёбад ва барг беранг мешавад.

Аммо дар ҳуҷайраи барг дигар моддаи рангдор – зард вуҷуд дорад; фақат тобистон афзоиши доначаҳои сабз суст мешавад, доначаҳои зард ғолиб меоянд ва дурахшонтар мегарданд. Баргҳо зард мешаванд.

Баргҳо на фақат зард, балки акнун рангҳои сурху бунафшро низ ба худ мегиранд. Дар баргҳо боз як моддаи рангин падид омада, он рангро тағйир медиҳад. Ин модда дар фасли тирамоҳ дар қисми зиёди баргҳо ҷой мегирад, зеро барои ба вуҷуд омадани он бояд ҳаво сард шавад ва ҳаёти рустаниҳо қатъ гардад. Ҳамаи ин дар фасли тирамоҳ ба амал меояд.

Ана барои чӣ баргҳо ранги худро тағйир медиҳанд.

"Чаро ин тавр мешавад?"

**Заррофаяки себдӯст**

Сафияи Носир

Буд-набуд, як Заррофача буд. Ӯ эркаи модар буду себро хеле дӯст медошт. Ҳатто дар хобаш себро медид.

Як рӯз Заррофача бо модараш ба сайри боғ рафтанд.

Заррофамодар дарахти себро дида, шод шуд.

– Модарҷон! Ба ман ҳам як себ канда диҳед! – хоҳиш кард Заррофача.

Заррофамодар як себ канда, ба Заррофача ҳаво дод.

Заррофача  чашмонашро пӯшида, даҳонашро калон кушод. Себ хато хӯрда, ба даҳони Заррофача нарасид. Он замон хорпуште дар ҷустуҷӯи хӯрок мегашт. Себ ба пушти хорпушт афтид. Хорпушт шодон ба сӯи хонааш шитофт.

– Себам куҷо шуд? – пурсид Заррофача.

– Намедонам? – гуфт Заррофамодар.

Заррофачаю модараш ба ҷустуҷӯи себ афтоданд. Ҳайҳот! Себ ҳеҷ ҷо набуд. Заррофачамодар боз як себ аз дарахт канда, ба Заррофача ҳаво дод. Хорпушти маззахӯрак боз чолокона себро дошту ба сӯи хонааш давид... Заррофамодар ӯро дид.

Заррофача аз алам гирист.

– Себи туро хорпушт бурд, – гуфт Заррофамодар ба Заррофача. – Гиря накун. Шояд хорпушт сербача асту бачаҳояш гурусна. Ана бин, хорпушт меояд!

Хорпушт дар пушти тарбузи калон хандон сӯи онҳо меомад.

– Хуш омадӣ! – гуфт Заррофамодар.

– Оҳ, тарбуз! Бомазза будагист? – гуфт Заррофача.

– Марҳамат, гиред! Барои шумо овардам, - гуфт Хорпушт.

Ҳар се хушҳолона тарбузро шикамсерӣ хӯрданд. Аз ҳамон рӯз Заррофача дӯсти нав пайдо кард. Акнун ӯ тарбузро ҳам дӯст медошт.

**Сабзавот барои саломатӣ**

Истеъмоли сабзавот ҷисми моро пурқувват мегардонад, аз бисёр бемориҳо пешгирӣ мекунад ва ба ҳиссиёти мо таъсир мерасонад. Сабзавот барои мо бисёр моддаҳои ғизодиҳандаро медиҳад, ки дар зиндагии мо вазифаи муҳимро иҷро мекунанд. Онҳоаз витаминҳо бой ҳастанд, асосан витамини С, ки устувории ҷисмонӣ ва равиши сиҳатшавиро беҳтар мекунад. Сабзавот дар таркиби худ моддаҳои наботӣ ва витаминҳои гурӯҳи В низ доранд. Сабзавот органҳои ҳозима ва умуман ба вазъи саломатии мо таъсири муфид

мерасонад. Истеъмоли сабзавот имкон медиҳад, ки миқдори хӯрокҳои серсафеда (мисол, гӯшт) кам карда шавад.

Сирпиёз (сир) аз ҷиҳати ғизонокӣ аз пиёз бартарӣ дорад. Барг ва донаҳои сирпиёз витаминҳои  А,С,В ва равғани эфир дорад. Ғайр аз ин, дар он модаҳое ҳастанд, ки хосияти баланди зиддисироятӣ доранд. Сирпиёзро дар намак ва сирко мехобонанд, ки ҳамчун дору барои нест кардани баъзе бемориҳои илтиҳобӣ, инчунин барои хуштаъм шудани хӯрок истифода бурда мешаванд. Дар хӯрок на танҳо решаи сирпиёз, инчунин баргҳои ҷавони онро истифода мекунанд.

Пиёз

Дар ҷаҳон қариб 400 навъи пиёз мавҷуд аст. Ватани пиёз Осиёи Миёна, Эрон ва Афғонистон аст. Пиёз аҳ витаминҳои гурӯҳи В ва С бой аст. Дар таркиби пиёз оҳан низ бисёр аст. Пиёз иштиҳои одамро оварда, барои хуб ҳазм шудани ғизо ёрӣ мерасонад. Пиёз бардамии баданро баланд бардошта, хусусияти зиддимикробӣ ва зиддивирусии баданро қавӣ мегардонад.